Дастурамал оид ба инъикоси масоили мазҳабӣ дар Тоҷикистон

БАРОИ РӮЗНОМАНИГОРОН ВА ҶОМЕАИ ШАҲРВАНДӢ

УДК
ББК

Ҳайати муаллифон:

Дмитрий Кабак, Президенти Бунёди ҷамъиятии «Мавқеи кушода»

Инга Сикорская, мудири Мактаби сулҳофаринӣ ва технологияҳои иттилоотӣ дар Осиёи Марказӣ,

Шоира Давлатова, коршиноси масоили ҳуқуқии Тоҷикистон

Зери таҳрири умумии Ак- Марал Азимова

Ин маводи омӯзишӣ барои касоне аст, ки ҳамеша омодаи омӯхтан ҳастанд, аммо барои он фурсати зиёд надоранд.

Бо ҳадафи баланд бардоштани рӯҳияи фаъолони арсаи қаламу коғазу худкору саҳфакалид (клавиатура)-у дурбини наворгириву микрофон ва ҳамаи касоне, ки намояндаи ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳастанд, гурӯҳи муаллифон бо талошҳои зиёд маводи омӯзишии мазкурро таҳия карданд. Маводи мазкур муҳимтарин суолҳои марбут ба инъикоси мавзуи мазҳабу динро бо забони содаву фаҳмо мухтасар баён мекунад.

Мо – ҳамсуҳбатон , агарчи пайрави як ақидаву эътиқоди умумӣ нестем, бароямон муҳим аст, ки мушкилоти одамони дигарро омӯзем, шунавем, фаҳмем ва ғамхорӣ кунем. Дастурамали дигаре нест.

0 УДК
ISBN ББК

Институти инъикоси ҷанг ва сулҳ (IWPR) 2019

МУҲТАВО

МУҚАДДИМА 5

I. ҲУҚУҚ БА ОЗОДИИ ДИНӢ 7

1.1. Ҳуқуқи байналхалқӣ 8

1.2. Ҳуқуқҳои умумӣ: озодии дин, озодии ақида 9

1.2.1. Феҳристи ҳуқуқҳои умумӣ: Эъломияи умумии ҳуқуқи башар 11

1.3. Ҳуқуқу озодиҳои дигар дар бахши дин 13

1.4. Сабабҳои маҳдудсозии ҳуқуқ 16

1.5. Усулҳои дунявият 19

II. ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ МАСОИЛИ ДИНӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН 20

2.1. Самтҳои асосии заминаҳои меъёриву ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба озодии дину виҷдон 21

2.2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ» 24

2.3. Ҷанбаҳои ҳуқуқии қонунгузории миллӣ дар робита ба истифодаи «забони душманона» 27

2.4. Тавсия барои рӯзноманигорон 38

III. ТАВСИЯҲОИ АМАЛӢ БАРОИ РӮЗНОМАНИГОРОН 43

3.1. Инъикоси масоили динӣ 44

3.1.1.Стандартҳои байналхалқии рӯзноманигорӣ 44

3.1.2.Мавзуи марбут ба динро чӣ гуна бояд инъикос намуд? 49

3.1.3. Усулҳои инъикоси мавзӯъҳои доғи динӣ дар Осиёи Марказӣ 58

3.2.Ҳангоми инъикоси мавзӯъҳои динӣ аз истифодаи «забони душманона» чӣ гуна бояд парҳез кард? 71

3.2.1. Падидаи «забони душманона» 71

3.2.2.Чӣ гуна ба паҳнкунандаи «забони душманона» бояд табдил нашуд? 79

IV. ТАФСИРИ МАФҲУМҲОЕ, КИ ҲАНГОМИ ИНЪИКОСИ МАВЗӮИ ДИНӢ ИСТИФОДА МЕШАВАНД 88

4.1. Луғати мафҳумҳои «зиёновар» 89

4.2. Рӯйхати мафҳумҳое, ки барои инъикоси мавзӯъҳои динӣ зарурианд 94

Замимаи №1 102

МУҚАДДИМА

Рӯзноманигорӣ – ин ҷустуҷӯи огоҳонаи ақидаҳоест, ки ҷаҳонро тағйир медиҳанд. Мо, бино бар далели ноогоҳиамон, метавонем дар ҳолатҳои ногуворе қарор бигирем. Суолҳои зиёде бе посух ҳастанд. Таърих, анъана, қонуну тартибот, хонавода ва сиҳатӣ ва албатта Худованду дин, Ҷангу сулҳ, хусусияти ҷаҳони атрофи мову шумо... Ҷудоии комили дину давлат натавонист, инсонҳоро аз дин ҷудо кунад. Суолҳои марбут ба дин бо суолҳои марбут ба нақши давлат дар ҳаёти инсон шабеҳ ҳастанд: вақте инсон қонеъ ва хушбахт аст – инро дастоварди худ медонад, вале вақте бадбахт аст – айбро дар дигарон меҷӯяд: ҳамсоя, давлат, Худо.

Мо дар бораи фарҳанг ва ҷомеаи мутамаддин суҳбат мекунем, вале расонаҳо даргири масоили ҷиддӣ ва бунёдӣ ҳастанд:

Омода сохтани маводи босифат дар мавзӯи дин донистани махсусиятҳои заминаҳои меъёриву ҳуқуқии байналхалқӣ, қонунгузориҳои дохилӣ, огоҳ будан аз стандартҳое, ки риояшон дахлнопазирии ҳуқуқ ба озодии дин ва ақидаро кафолат медиҳад, талаб мекунад. Намояндаи ВАО ё ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳангоми омода сохтани чунин иттилоъ садҳо захираҳои интернетиву андешаҳоро омӯхта барои шарҳу эзоҳ ба намояндагони мақомоти давлатӣ, коршиносони босалоҳият мурочиат мекунад, ки асоси маводи ӯро ташкил хоҳанд дод. Бояд ҳама чиро пурсид. Аз ҷумла:

- Кадом меъёрҳои байналхалқӣ фарогири ҳуқуқ ба озодии дину ақида ҳастанд?
- Озодии дин ва озодии ақида аз ҳам чӣ фарқ доранд?
- Фаъолияти созмонҳои диниро чӣ гуна бояд инъикос намуд?
- Оё мешавад, ҳангоми шарҳи ақида ва ҷараёни диние аз боварҳои шахсии худ истифода кард?
- Миёни маводи ҷоиз ва мамнуи мазҳабӣ чӣ фарқияте аст?
- Сарҳади байни созмонҳои мазҳабие, ки ба якдигарфаҳмӣ даъват мекунанд ва ҳаракатҳои мамнуъ, кадом аст?

Ин рӯйхати нопурраи мавзӯъҳоест, ки таваҷҷӯҳи хонандаро ҷалб мекунанд. Муҳим нест, ки барои коршинос ё хонандаи ноогоҳ менависед, балки бояд ҳамааш муҷаз ва фаҳмо бошад.

Муҳимияти ин дастурамали омӯзишӣ дар танзимсозии абзорҳои инъикоси босифати масоили мазҳабӣ хулоса мешавад, аммо ҳадаф такмили зарфияти рӯзноманигорон ва сарфаи вақт аст. Зеро, бо назардошти он ки бисёриҳо талош мекунанд, дар фурсати кам дониши зиёд бигиранд, шакли ин дастурамали омӯзишӣ ҳам хеле мувофиқ аст. Муаллифон салоҳ донистанд, ки аз чаҳорчӯби маъмули матнӣ канор рафта, бештари иттилоъро дар шакли нақшу графикҳо бо шарҳу баёни кӯтоҳ пешниҳод кунанд.

Ба ҷуз аз меъёрҳои байналхалқиву дохилии танзимсозӣ, дастурамал стандартҳои рӯзноманигориро ҳам баён мекунад. Боби охир дарбаргирандаи луғот ва мафҳумҳоест, истифодаи дурусти онҳоро шарҳ медиҳад.

Мо тамоми талошро харҷ кардем, то дастурамал барои ҳамаи нафароне, ки ҳавасманди инъикоси боэътимодонаи масоили марбут ба дину мазҳаб ҳастанд, фаҳмову муфид бошад

Бо эҳтиром директори
минтақавии Институти
инъикоси ҷанг ва сулҳ
Абахон Султоназаров

1 ҲУҚУҚ БА ОЗОДИИ ДИН

Муаллиф: Дмитрий Кабак, коршиноси умури ҳуқуқи инсон, Президенти Бунёди ҷамъиятии «Мавқеи кушода»

1.1. Ҳуқуқҳои байналхалқӣ

Муқаррароти озодии дин ва ё ақида дар чанд муоҳидаи байналхалқии СММ зикр шудааст. Миёни онҳо Оинномаи СММ, Эъломияи умумии ҳуқуқи башар, Паймони байналхалқӣ оид ба озодиҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ, инчунин Конвенсия оид ба ҳуқуқи кӯдак ҳастанд. Муқаррароти озодии дин ва ё ақида, ки дар Эъломияи умумии ҳуқуқи башар зикр шудааст, дар Паймони байналхалқӣ оид ба озодиҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ ва инчунин дар Конвенсия оид ба ҳуқуқи кӯдак бештар баррасӣ шудааст. Ба ҷуз аз муоҳидаҳои СММ, ҳуҷҷатҳои Шӯрои Аврупо ва САҲА мавҷуданд, ки дар дастурамали мазкур баррасӣ намешаванд.

АСОСҲОИ ҲУҚУҚИ БАЙНАЛХАЛҚӢ ОИД БА ОЗОДИИ ДИН ВА Ё АҚИДА

Оинномаи СММ, соли 1945.
(моддаи 1, қисми 3)

Эъломияи умумии ҳуқуқи башар, соли 1948
(моддаи 18)

Паймони байналхалқӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ, соли 1966
(моддаи 18)

Конвенсия оид ба ҳуқуи кӯдак, соли 1990
(моддаи 14)

1.2. Ҳуқуқҳои байналхалқӣ: ҳамчун соҳаи ҳуқуқ

Феҳристи умумии ҳуқуқи инсон дар Эъломияи умумии ҳуқуқи башар (соли 1948)[1] дарҷ шудааст. Дар идома Паймони байналхалқӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ (соли 1966)[2] ва Паймони байналхалқӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ (соли 1966) мафҳуми ҳуқуқ ва озодии инсонро, ки дар Эъломия омадааст, бештар шарҳ дода, ба ин тартиб, барои эълом кардани ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ҳамчун арзиши олӣ пойдевори асосиро гузоштанд, ки ҳамакнун масъулияти таъмини ин ҳуқуқҳо бар зимаи давлатҳо аст.

Озодии ақида, виҷдон ва дин, ки дар Эъломияҳо ва Паймонҳо баён шудаанд, тасаввури умумиро дар бораи озодии дин ва ё ақида ба вуҷуд оварда, ин ду мафҳумро аз ҳам ҷудо карданд.

Ба ин тартиб, озодии дин, пеш аз ҳама, ба раванди пайравӣ кардан ва ё накардан аз дин (иҷрои дастурҳои динӣ) асос ёфтааст. Озодии ақида таваҷҷуҳи асосиро ба ҳуқуқи пайравӣ кардан аз ақидае, аз ҷумла ақидаи ҷудо аз дин, ҷалб мекунад.

Зери мафҳуми муҳофизати баробар, ҳам озодии дин ва ҳам озодии ақида фаҳмида мешавад. Мутобиқи ҳуқуқи байналхалқӣ, ҳифзи амнияти миллӣ боис намегардад, ки озодии дин ва ё ақида маҳдуд карда шавад.

1 Эъломияи умумии ҳуқуқи башар (дар таҳрири 10.12.1948. №217 А): *https://www.un.org/ru/documents/decl_conv/declarations/declhr.shtml*

2 Паймони байналхалқӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ (дар таҳрири 16.12.1966. №2200 А): *https://www.un.org/ru/documents/decl_conv/conventions/pactpol.shtml*

ФЕҲРИСТИ ҲУҚУҚИ БАЙНАЛХАЛҚӢ:

Эъломияи умумии ҳуқуқи башар

ПРИНСИПИ РОҲ НАДОДАН БА ТАБЪЙИЗ:

Муоҳидаҳои асосии СММ оид ба ҳуқуқи инсон (9 муоҳида ва протоколҳои иловагӣ ба онҳо)

Эътироф карда мешавад, ки ҳар инсон аз ҳамаи ҳуқуқҳо ва озодиҳо, аз ҷумла озодии дин ва ё ақида, бидуни табъйиз, бархурдор аст (принсипи ори аз табъйиз)

ОЗОДИИ ДИН ВА Ё АҚИДА

Озодии пайравӣ кардан аз дини хосе ва ё пайравӣ накардан аз ҳеч дине

Озодии пайравӣ кардан аз ақидаи хосе, аз ҷумла теистӣ (эътиқод ба Худо), ғайритеистӣ ва атеистӣ

Озодии дин ва ақида аз ҳаққи муҳофизати баробар бархӯрдоранд

1.2.1. Феҳристи ҳуқуқҳои умумӣ: Эъломияи умумии ҳуқуқи башар

Қабули Эъломияи умумии ҳуқуқи башар аз сӯи Маҷмаи умумии СММ дар соли 1948 – баъди се соли хатми Ҷанги дувуми ҷаҳонӣ – ба он хотир буд, ки ба ҳаёти инсон ва шарофати инсон арҷ гузошта шавад. Эъломия номгӯи ҳуқуқ ва озодиҳои инсонро дар бар гирифта, онҳоро мушаххас намуд ва муқаррар сохт, ки кадоме аз ҳуқуқҳо ва озодиҳо дар кадом ҳолат ва шароит маҳдуд карда мешаванд. Эъломия ҳамчунин ҳолатҳоеро муқаррар кард, ки боиси маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон мешаванд. Ҳуқуқ ва озодиҳои инсон умумибашарӣ буда, бидуни табъйиз, ба ҳамаи инсонҳо тааллуқ доранд.

ЭЪЛОМИЯИ УМУМИИ ҲУҚУҚИ БАШАР АЗ 10.12.1948

Ҳадафи Эъломия – таъмини ҳифзи шарафи инсонӣ аст

Дар таърихи муосир озодии дин ва ақида дар Эъломияи умумии ҳуқуқи башар зикр шудааст

Маҳдудсозии ҳуқуқ ва озодӣ

Асоси ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсонро эҳтироми шарафи инсонӣ ташкил медиҳад

Асоси маҳдудсозии ҳуқуқ ва озодиҳоро амалҳо (ва ё ҳадафҳо)-и мамнуе ташкил медиҳанд, ки барои ҳар кадом ҳуқуқ (озодӣ) мушаххас шудаанд: маҳдудсозӣ бояд қонунӣ бошад ва ба талаботи барои ҳуқуқ (озодӣ) пешбинишуда мувофиқ бошад.

Эъломия ва паймонҳои асосӣ оид ба ҳуқуқи инсон шароити маҳдудсозии ҳуқуқро мушаххас кардаанд: бо назардошти манфиати мақомоти ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ ва ё амнияти ҷамъиятӣ, саломатӣ ва ё маънавӣ, амнияти миллӣ (мавҷудияти давлат, ягонагии ҳудуд), ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои дигарон.

Озодии дин ва ё ақида бо мақсади ҳифзи амнияти миллӣ маҳдуд карда намешавад.

1.3. Ҳуқуқу озодиҳои дигари инсон дар бахши дин

Дин ва ақида ҳамчун асосҳое унвон мешаванд, ки дар робита ба онҳо табъйиз – маҳдудсозии ҳуқуқ ва озодии инсон мамнуъ аст.

Принсипи дунявияти давлат озодии дин ва ё ақидаро дар ҷойгоҳе қарор медиҳад, ки ҳеч кадом аз динҳо ва ё ақидаҳо ҳамчун дину ақидаи давлатӣ ва ё ҳатмӣ эътироф намешаванд.

Муҳтавои озодии дин ва ё ақида инчунин ҳаққи интихоби озод, иваз кардан ва пайравӣ намудан аз боварҳои диниро дар бар мегирад. Бо талаботи дину ақида амал кардан ва бидуни монеа ибодат ва анъанаҳои диниро дар зиндагӣ ҷорӣ намудан ва ё дар ҷойҳои махсус анҷом додани онҳо – аз озодиҳои динӣ ба шумор меравад.

Ҳаққи дарёфти таҳсили динӣ ҳам яке аз унсурҳои муҳими озодии дин ба шумор меравад. Фаъолияти муассисаҳои омӯзишии дини, ки дар доираи қонун амал мекунанд, бояд иҷозат дода шавад. Ҳатман бояд дар назар дошт, ки талабот нисбати муассисаҳои омӯзишии диниро қонунгузории миллӣ муайян мекунад.

Конвенсияи ҳуқуқи кӯдак – созишномаи алоҳидаи СММ аст, ки ҳуқуқ ва озодиҳои инсонро бо назардошти талабот ва хусусиятҳои кӯдакон баррасӣ мекунад.[3] Ҳуқуқи роҳбарӣ кардан ба кӯдак ҳангоми истифодаи озодии дин ва ақида ба падару модар ва дигар намояндагони қонуниаш вогузошта мешавад.

Бартарӣ додан, маҳдуд сохтан ва ё шаклҳои дигари табъйиз, бо назардошти муносибати инсонҳо ба дин, манъ аст.

Принсипи роҳ надодан ба табъйиз ҳам дар моддаи алоҳидаи созишномаҳои байналхалқии СММ оид ба ҳуқуқи инсон зикр шудааст ва ҳам дар муқаррароти марбут ба ҳуқуқ ва озодиҳои мушаххаси инсон:

3 Конвенсияи ҳуқуқи кӯдак (дар таҳрири 20.11.1989. №44/25): *https://www.un.org/ru/documents/decl_conv/conventions/childcon.shtml*

Масоили озодии динӣ ва ақида дар принсипҳои "бетабъйиз"-е зикр шудааст, ки ин принсипҳоро Оинномаи СММ, Эъломияи умумӣ ва созишномаҳои асосии СММ оид ба ҳуқуқи инсон дар бар мегиранд.

Паймони байналхалқӣ дар бораи ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ аз 16.12.1966

Паймони байналхалқӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, ичтимоӣ ва фарҳангӣ аз 16.12.1966

Конвенсия оид ба ҳуқуқи кӯдак аз 20.11.1989

фехраст (номгӯ ва мафҳумҳо)-еро мушаххас кард, ки аз сӯи паймони ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ ҳифз мешаванд

фехраст (номгӣ ва мафҳумҳо)-еро мушаххас кард, ки аз сӯи паймони ҳуқуқҳои иқтисодӣ, ичтимоӣ ва фарҳангӣ ҳифз мешаванд

ҳамаи ҳуқуқ ва озодиҳоеро дар бар мегирад, ки кӯдакон – ҳар кадом инсони то 18-сола ба онҳо ҳақ доранд

Ҳар кадом давлат дар робита ба ҳар як паймон тариқи қабули паймонҳо (ратификатсия), масъулиятҳоеро бар зимма мегирад



- ҳуқуқ ба никоҳ;
- манъи меҳнати иҷборӣ ва ё меҳнатӣ ҳатмӣ;
- ҳуқуқ ба ибрози озодонаи фикру ақидаи шахсӣ;
- ҳуқуқ ба ҷустуҷӯ, дарёфт ва паҳнсозии иттилоъ ва ақида тавассути василаҳои гуногун;
- ҳуқуқи ҳар кӯдак ба муҳофизат;
- ҳуқуқ ба ширкат дар анҷоми корҳои давлатӣ;
- ҳуқуқ ба интихоб кардан ва интихоб шудан;
- иҷоза доштан ба шароити баробар дар хидмати давлатӣ;
- баробарӣ дар назди қонун;
- ҳифзи баробар аз табъйиз;
- ҳуқуқ ба маоши баробар дар меҳнати баробар;
- баробарӣ дар назди қонун;
- ҳифзи муассир аз табъйиз.

1.4. Сабабҳои маҳдудсозии ҳуқуқ

Чанде аз моддаҳои Паймони байналхалқии ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ шартҳои маҳдудсозии ҳуқукро баррасӣ мекунанд. Маҳдудсозии ҳуқуқ дар қисми 3 моддаи 8 Паймон чунин шарҳ дода шудааст, ки зери мафҳуми манъи меҳнати иҷборӣ ва ё ҳатмӣ хизмате фаҳмида намешавад, ки бо хизмати ҳарбӣ иваз шудааст ва онҳое, ки бо назардошти боварҳои сиёсиву мазҳабӣ ё қавмиашон аз адои хизмати ҳарбӣ саркашӣ карда, ба адои навъи дигари хизмат ҷалб мешаванд. Ин навъи хизмат меҳнати маҷбурӣ ҳисобида намешавад.

Дар моддаи 19 ҳамин Паймон омадааст, ки ҳар инсон ҳақ дорад, бидуни монеа ба ақидаи худ содиқ бимонад. Бо назардошти он ки ҳуқуқи як инсон дар ҷое хатм мешавад, ки ҳуқуқи инсони дигар оғоз шудааст, ҳаққи ибрози ақидаи шахсӣ дар бархе ҳолат эҳтимол дорад, маҳдуд гардад.

Дар ин модда омадааст, ки истифода аз ин ҳуқуқ масъулияти мушаххасеро ҳамроҳ дорад: «Ин ҳуқуқ эҳтимол дорад, бо бархе аз маҳдудиятҳое ҳамроҳ бошад, ки бояд қонунан мушаххас шаванд ва ичроияшон ҳатмӣ гардад:

- барои эҳтироми ҳуқуқ ва шарафи одамони дигар;
- барои ҳифзи амнияти давлат, тартиботи ҷамъиятӣ, саломатӣ ва ё маърифати аҳолӣ».

Моддаи 20 Паймони мазкур ҳамчунин ибрози ақидаҳоеро манъ мекунад, ки миллатгароёна, нажотпарастона, **ва ё дорои бадбинии мазҳабӣ** ҳастанд **ва табъйиз, душманӣ ва ё хушунатро таҳрик медиҳанд.**



Маҳдудсозии ҳуқуқ натиҷаи талош барои таъмини авлавияти қонун буда, ба бахши дин аз чанд ҷиҳат дахл мекунад:

- озодии доштан ва ё қабул кардани дину ақида бо хоҳиши худ;
- озодии анҷоми ибодатҳои дину ақида дар якҷоягӣ бо дигарон (дастаҷамъӣ, ҷамоат) ва ё дар алоҳидагӣ;
- гиромидошти маросим, ичрои анъанаҳои динӣ;
- озодии ҷустуҷӯ, дарёфт ва паҳнсозии ҳар навъи иттилоъ ва ақида;
- ҳуқуқ ба иштироки озодона дар гирдиҳамоиҳои сулҳомез;
- ҳуқуқ ба озодии иттиҳод бастан бо дигарон;
- ҳуқуқ ба ширкати мустақилона дар ичрои корҳои давлатӣ.

Маҳдудиятҳои мутобиқ ба ҳадафҳои зикршударо бояд қонун муқаррар намояд. (Қонунҳоро парламент қабул мекунад)

Мебояд дар назар дошт, ки барои маҳдудсозии ҳар кадом аз ин ҳуқуқу озодиҳо ҳатман бояд асосе вуҷуд дошта бошад.

Маҳдудият бо ҳадафҳои ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ ва ё амнияти, тандурустӣ ва ахлоқи ҷамъиятӣ, амнияти миллӣ (мавҷудияти давлат, ягонагии ҳудуд), ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои дигарон ҷорӣ карда мешавад.	Амалҳои ғайриқонунӣ (фаъолиятҳо ва ё ҳадафҳо) мамнуъ мешаванд:	таъмини ҳифзи амнияти миллӣ боис намегардад, ки ба озодии дин ва ақида маҳдудият ҷорӣ карда шавад.

1.5. Принсипи дунявият

Созишномаҳои байналхалқӣ оид ба ҳуқуқи инсон аз сӯи Маҷмаи умумии СММ бо ширкати ҳам давлатҳои дунявӣ ва ҳам давлатҳои динӣ (давлатҳое, ки ҳукумати маънавӣ ва шаҳрвандӣ бо ҳам омехтаанд) таҳия ва қабул шудаанд. Принсипи дунявият махсуси давлати ғайридинист (яъне, дин аз давлат ҷудост) ва тибқи маъмул ин принсип дар Конституция ва дигар қонунҳо зикр шудааст.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ва фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ҳизбҳои сиёсие манъ аст, ки нажодпарастӣ, миллатгароӣ, хусумат, бадбинии иҷтимоӣ ва мазҳабиро тарғиб мекунанд (моддаи 8 Конституцияи ҶТ). Аммо ҳар шаҳрванд ҳуқуқ дорад, муносибаташро бо дин мустақилона муайян намояд, аз ҳар кадом дине, ки мехоҳад, пайравӣ намояд ва ё пайрави ҳеч кадом дине набошад (моддаи 26 Конституцияи ҶТ). Шакли дунявии давлат ҳуқуқ ва озодиҳои ҳамаи шаҳрвандонро, сарфи назар аз муносибаташон ба дин, таъмин менамояд.[4]

Принсипи дунявиятро Конституцияи ҶТ шарҳ медиҳад: «Мафкураи ҳеч як ҳизб, иттиҳодияи ҷамъиятӣ, динӣ, ҳаракат ва гурӯҳе наметавонад, ба ҳайси мафкураи давлатӣ эътироф шавад. Ташкилотҳои динӣ аз давлат ҷудо буда, ба корҳои давлатӣ мудохила карда наметавонанд». (моддаи 8 Конституцияи ҶТ)

↑ ↓

Ҳуқуқ ба иштирок дар интихоботҳо, интихоб кардан ва интихоб шудан: мансабдорон, сарфи назар аз дину ақидаи шахсӣ, бо назардошти гуногунии манфиатҳои ҷамъиятӣ адои вазифа мекунанд.

→ ←

Ҳамкориҳои байни динҳо. Давлат бояд аз гуфтугӯи байни динҳо ҷонибдорӣ кунад ва ширкати намояндагони ҳамаи ҷамъият ва дину ақидаҳоро дар корҳои ҷамъиятӣ бидуни табъйиз таъмин намояд.

4 Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар таҳрири 22.06.2003): *http://www.prokuratura.tj/ru/legislation/the-constitution-of-the-republic-of-tajikistan.html*

2 ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ МАСОИЛИ ДИНӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Муаллиф: Шоира Давлатова
- коршиноси масоили
ҳуқуқии Тоҷикистон

2.1. Самтҳои асосии заминаҳои меъёриву ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба озодии дину виҷдон

Конституция Республики Таджикистан (далее РТ) как основной закон страны закрепляет основные положения свободы совести и свободы вероисповедания.[5]

Конституцияи Ҷумуҳурии Тоҷикистон

МОДДАИ 1. КОНСТИТУТСИЯИ ҶТ:

Ҷумҳурии Тоҷикистон дунявӣ аст

МОДДАИ 8 КОНСТИТУТСИЯИ ҶТ:

- Дар Тоҷикистон ҳаёти ҷамъиятӣ дар асоси равияҳои гуногуни сиёсӣ ва мафкуравӣ инкишоф меёбад.
- Мафкураи ҳеҷ як ҳизб, иттиҳодияи ҷамъиятӣ, динӣ, ҳаракат ва гурӯҳе наметавонад, ба ҳайси мафкураи давлатӣ эътироф шавад.
- Иттиҳодияҳои динӣ аз давлат ҷудо буда, ба корҳои давлатӣ мудохила карда наметавонанд.
- Таъсис ва фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ҳизбҳои сиёсие, ки нажодпарастӣ, миллатгарой, хусумат, бадбинии ичтимой ва мазҳабиро тарғиб мекунанд ва ё барои бо зӯрӣ сарнагун кардани сохтори конституционӣ ва ташкили гуруҳҳои мусаллаҳ даъват менамоянд, манъ аст.

5 Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар таҳрири 22.06.2003): *http://www.prokuratura.tj/ru/legislation/the-constitution-of-the-republic-of-tajikistan.html*

Ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба воситаи Конституцсия, қонунҳои ҷумҳурӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки аз тарафи Тоҷикистон эътироф шудаанд, ҳифз мегарданд. (моддаи 14)

Маҳдудсозии ҳуқуқ ва озодии шаҳрвандон танҳо бо ҳадафҳои зер иҷозат дода мешавад:

- таъмини ҳуқуқ ва озодии шаҳрвандони дигар;
- тартиботи ҷамъиятӣ.

Ва барои ҳифзи:

- сохти конституцсионӣ ва тамомияти арзии ҷумҳурӣ;
- амнияти давлат ва мудофиаи кишвар;
- ахлоқи ҷамъиятӣ;
- тандурустии сокинон.

Чунин маҳдудиятҳо ҳамчунин дар шароити ҳолатҳои фавқулода мумукин аст, ҷорӣ карда шаванд. (моддаи 47)

Ҳама дар назди қонун ва суд баробаранд. Давлат ба ҳар кас сарфи назар аз

- миллат,
- нажод,
- ҷинс,
- забон,
- эътиқоди динӣ,
- мавқеи сиёсӣ,
- таҳсил,
- вазъи иҷтимоӣ,
- молу мулк

ҳуқуқу озодиҳоро кафолат медиҳад. (моддаи 17)

МОДДАИ 26. КОНСТИТУТСИЯИ ҶТ:

Ҳар кас ҳуқуқ дорад, муносибати худро нисбат ба дин мустақилона муайян намояд, алоҳида ва ё якҷоя бо дигарон динеро пайравӣ намояд ва ё пайравӣ накунад, дар маросим ва расму оинҳои динӣ иштирок намояд

МОДДАИ 30 КОНСТИТУТСИЯИ ҶТ :

Таблиғот ва ташвиқоте, ки бадбинӣ ва хусумати иҷтимоӣ, нажодӣ, миллӣ, динӣ ва забониро бармеангезанд, манъ аст

2.2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ»

Қонун мазкур муносибатҳои ҷамъиятиеро танзим мекунад, ки ба таъмини ҳуқуқи динии инсон равона шудааст. Қонун ҳамчунин ин муқарраротро дар бар мегирад:[6]



Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон **озодии виҷдон ва озодии пайравӣ ба дин,** аз ҷумла ҳуқуқи ба танҳоӣ ва ё ҳамроҳи дигарон пайравӣ кардан ба ҳар гуна дин ё пайравӣ накардан ба ягон дин, ба таври озод интихоб, паҳн намудан ва дигар кардани ҳама гуна эътиқоди динӣ ва эътиқодҳои дигар, инчунин мутобиқи онҳо амал кардан кафолат дода мешавад (моддаи 4).

Мутобиқи принсипи ҷудоии иттиҳодияҳои динӣ аз давлат иттиҳодияи динӣ:

- дар доираи низоми дохилии парастишӣ ва ғайрипарастишии худ, ки ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолиф намебошанд, фаъолият менамояд, ходимонашро тибқи муқаррароти эътиқоди динии худ интихоб, таъин ва иваз мекунад;

6 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ» (дар таҳрири 28.06.2011, № 739): *http://base.spinform.ru/show_doc.fwx?rgn=27726*

- вазифаҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти давлатии дигар, муассисаҳои давлатӣ ва мақомоти худидоракунии маҳаллиро иҷро накарда, ба фаъолияти онҳо дахолат намекунад;
- дар интихобот ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии маҳаллӣ иштирок наменамояд;
- дар фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ ва ҳаракатҳои сиёсӣ иштирок накарда, ба онҳо кӯмаки моддӣ ва дигар кӯмакҳо намерасонад (зербанди 3, моддаи 5).

Иттиҳодияҳои динӣ дар шаклҳои **ҷамоаи динӣ** ва **ташкилоти** динӣ фаъолият менамоянд. (банди 1, моддаи 10)

Ҷамоаи динӣ - иттиҳоди ихтиёрӣ ва мустақили шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, бо мақсади якҷоя анҷом додани ибодат ва қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти динии дигар ташкил карда шудааст..

Шаклҳои ҷамоаҳои динӣ:

- масҷиди ҷомеъ,
- масҷиди панҷвақта,
- ҷамоатхона,
- ибодатгоҳ,
- зиёратгоҳ ва дигар шаклҳое, ки ба қонунгузорӣ мухолиф нестанд.

Иттиҳодияи динӣ – иттиҳоди ихтиёрӣ ва мустақили шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон аст, ки бо мақсади якҷоя анҷом додани ибодат, таълими динӣ ва паҳн кардани эътиқоди динӣ ташкил карда шудааст.

Шаклҳои иттиҳодияҳои динӣ:

- маркази динии ҷумҳуриявӣ,
- масҷиди ҷомеи марказӣ,
- ҷамоатхонаи марказӣ,
- муассисаи таълими динӣ,

- калисо,
- куништ ва шаклҳои дигаре, ки бо қонунгузорӣ мухолиф нестанд.

Ба иловаи ин, иттиҳодияҳои динӣ чанд ва уҳдадорӣ доранд (моддаҳои 18 ва 19).

ҲУҚУҚҲОИ ИТТИҲОДИЯҲОИ ДИНӢ

дар бораи фаъолияти худ озодона маълумот паҳн менамоянд;

ҳуқуқҳои худро дар суд ва дигар мақомоти ҳокимияти давлатӣ намояндагӣ ва ҳимоя менамоянд;

оид ба масъалаҳои марбут ба манфиатҳои динии шаҳрвандон ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ таклифҳо пешниҳод менамоянд;

тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба фаъолияти хоҷагидорӣ ва истеҳсолӣ машғул мешаванд;

дигар ҳуқуқҳои дар Қонуни мазкур ва дигар қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишударо амалӣ менамоянд.

ӮҲДАДОРИҲОИ ИТТИҲОДИЯҲОИ ДИНӢ

Конституцияи Тоҷикистон, қонунҳо ва дигар санадҳои ҳуқуқии Тоҷикистон, санадҳои байналмилалие, ки Тоҷикистон эътироф намудааст, инчунин муқаррароти оиннома ва дигар ҳуҷҷатҳои дохилии фаъолияти худро риоя намоянд;

бо дархости мақоми ваколатдори давлатии дахлдор маълумот пешниҳод кунанд;

ба ҳузур доштани намояндагони мақомоти ваколатдори давлатӣ дар чорабиниҳои иттиҳодияҳои динӣ монеъ нагарданд.

2.3. Ҷанбаҳои ҳуқуқии қонунгузории миллӣ дар робита ба истифодаи «забони душманона»[7]

Асосҳои ҳуқуқӣ ва ташкилии мубориза бо экстремизм ва терроризмро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қонунҳои мазкур шарҳ медиҳанд:

- «Дар бораи мубориза бар зидди экстремизм» аз 8 декабри соли 2003, № 69;[8]
- «Дар бораи мубориза бар зидди терроризм» аз 16 ноябри соли 1999, № 846;[9]

  Қонун мафҳуми экстремизмро чунин шарҳ медиҳад – изҳори фаъолияти ифротии шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ ба даъвати нооромӣ, дигаркунии сохти конституционӣ дар давлат, ғасби ҳокимият ва тасарруфи салоҳияти он, барангехтани нажодпарастӣ, миллатгаройӣ, бадбинии иҷтимоӣ, мазҳабӣ.

7 Қонуни ҶТ «Дар бораи мубориза бар зидди ҷинояткории муташаккилона»: Ба самтҳои асосии мубориза бар зидди ҷинояткории муташаккилона мансуб дониста мешаванд: огоҳонидан, ошкор намудан ва пешгирӣ кардани фаъолияти гурӯҳҳои муташаккили ҷиноятӣ, иттиҳодҳои ҷиноятӣ (ташкилотҳои ҷиноятӣ) ва иштирокчиёни онҳо, ки бо фаъолияти зерин машғуланд:
- фаъолияти террористӣ;
- фаъолияти экстремистӣ (ифротгаройӣ);
- савдои одамон;
- муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳо;
- муомилоти ғайриқонунии силоҳи оташфишон, лавозимоти ҷангии он, воситаҳои таркиш ва моддаҳои тарканда;
- контрабандаи (қочоқи) воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳо, силоҳ ва лавозимоти ҷангӣ, моддаҳои оташзананда ва тарканда, воситаҳои таркиш, маводи ядроӣ, радиоактивӣ, химиявӣ, биологӣ ё дигар намудҳои силоҳи қатли ом, мавод ва таҷҳизоти барои сохтани силоҳи қатли ом истифодашаванда, металлҳо ва сангҳои қиматбаҳо, ашёи хоми стратегӣ, осори бадей, таърихӣ, бостоншиносӣ ё арзишҳои дигари фарҳангӣ, ки нисбат ба онҳо қоидаҳои махсуси гузаронидан аз сарҳади гумрукии ҶумҳуриитТоҷикистон муайян гардидааанд; (ҚҶТ аз 27.11.2014, №1141)
- қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят ба дастоварда;
- тайёр кардан, ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта), картаҳои қалбакии (сохтаи) кредитӣ ё ҳисоббаробаркунӣ ё дигар, асноди пардохт;
- таҷовуз ба амнияти иттилоотӣ;
- кӯшишҳои ғайриқонунии тағйир додани сохти конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҳдид ба асосҳои ҳуқуқии он.

8 Қонунин Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди экстремизм» (дар таҳрири 08.12.2003, № 69): *http://www.cisatc.org/1289/135/155/285/7923*

9 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди терроризм» (дар таҳрири 16.11.1999, №845): *http://base.spinform.ru/show_doc.fwx?rgn=2195*

Терроризм зӯроварӣ ё таҳдиди истифодаи он нисбати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, нобуд сохтан ё таҳдиди нобуд сохтани амвол ё дигар объектҳои моддии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки боиси хавфи ҳалокати одамон, расонидани зарари басо ҷиддӣ ба амвол ё ба миён омадани оқибатҳои барои ҷамъият хавфнок, ки бо мақсади халалдор сохтани амнияти ҷамъиятӣ, тарсонидани аҳолӣ ё расонидани таъсир ҷиҳати аз ҷониби мақомоти ҳокимият қабул намудани қарори барои террористон мақбул ё қаноатбахш намудани манфиатҳои ғайриҳуқуқии онҳо, мебошад.

Субъектҳои бевосита бар зидди терроризм ва экстремизм мубориза баранда мақомоти зерин мебошанд:

- Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон;(экстремизм; терроризм.).
- Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон;(экстремизм; терроризм.).
- Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон; (экстремизм; терроризм.).
- Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон; (экстремизм.).
- Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (экстремизм.).
- Мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии маҳаллӣ дар доираи ваколатҳои худ дар мубориза бар зидди экстремизм иштирок мекунанд (экстремизм.).
- Роҳбарии умумиро дар мубориза бар зидди экстремизм Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мегардонад.
- Судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Мақомоти прокуратура дар доираи ваколатҳои худ иҷроиши қонунҳоро оиди мубориза бар зидди экстремизм назорат мебаранд.
- Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон; (экстремизм.).

- Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон; (терроризм.)
- Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (терроризм.).

Касоне, ки ба фаъолияти террористӣ машғуланд ва ё ба террористон ё созмонҳои террористӣ кумак мерасонанд, инчунин фаъолияти онҳоро таблиғ мекунанд (аз ҷумла тариқи ВАО), дар асоси Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ ҷалб карда мешаванд.

Дар моддаи 189 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст: *ҳаракатҳое, ки барои барангехтани кинаю адоват ё низои миллӣ, нажодӣ, маҳалгароӣ ё динӣ, ё паст задани шаъну эътибори миллӣ равона шудааанд, инчунин таргиби бартарии шаҳрвандон аз нигоҳи муносибати онҳо ба дин, мансубии онҳо ба миллат, нажод ё маҳал, агар ин кирдор ба таври оммавӣ ё бо истифодаи воситаҳои ахбори омма анҷом дода шуда бошад,* ***бо маҳдуд кардани озодӣ ба мӯҳлати то панҷ сол ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба ҳамин мӯҳлат ҷазо дода мешавад.***

Дар нақшаи поён ҳамаи таркибҳои ҷиноятҳои хусусияти террористиву экстремистӣ дошта бо шумули ҷазоҳое оварда шудааст, ки дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст.[10]

10 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар таҳрири 21.05.1998, № 574): *https://www.wipo.int/edocs/lexdocs/laws/ru/tj/tj023ru.pdf*

ҶИНОЯТҲОИ ДОРОИ ХУСУСИЯТИ ЭКСТРЕМИСТӢ

МОДДАИ 307

Таркиби кирдори ҷиноятӣ

1) Даъвати оммавӣ дар ба амал баровардани фаъолияти экстремистӣ

Бо ҷарима ба андозаи аз як ҳазор то дуҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати то ду сол ҷазо дода мешавад (дар таҳрири Қонуни ҶТ аз 6.10.2008, №422)

Таркиби кирдори ҷиноятӣ

2) Ҳамин кирдор, ки бо истифода аз воситаҳои ахбори омма ё дар шабакаи интернет содиршуда бошад (дар таҳрири Қонуни ҶТ аз 30.07.2007, №301)

бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати аз ду то панҷ сол бо маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан бо фаъолияти муайян ба мӯҳлати то се сол ҷазо дода мешавад. (дар таҳрири Қонуни ҶТ аз 17.05.2004, №35)

МОДДАИ 307 (2)

Таркиби кирдори ҷиноятӣ

Ташкили иттиҳоди экстремистӣ, яъне гурӯҳи муташаккили шахсон барои тайёр ё содир намудани ҷиноятҳои дар моддаҳои 157, 158, 160, 185, 188, 189, 237, 2371, 242, 243 (ҷиноятҳои хусусияти экстремистӣ дошта) пешбини намудаи ҳамин Кодекс аз нигоҳи бадбинӣ ё кинаю адовати идеологӣ, сиёсӣ, нажодӣ, миллӣ, маҳалгаро̄й, ё динӣ, ҳамчунин аз нигоҳи бадбинӣ ё кинаю адоват нисбати кадом як гурӯҳи иҷтимоӣ, инчунин роҳбарӣ ба чунин иттиҳоди экстремистӣ, ба ҷузъ ё томҳои ба чунин иттиҳод дохилшаванда, ҳамчунин ташкили иттиҳоди ташкилкунандагон, роҳбарон ё дигар намояндагони ҷузъ ё томҳои чунин иттиҳод бо мақсади таҳияи нақшаҳо ва (ё) шароит барои содир намудани ҷиноятҳои хусусияти экстремистӣ дошта

бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати аз панҷ то ҳашт сол бо маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан бо фаъолияти муайян ба мӯҳлати аз ду то панҷ сол ҷазо дода мешавад.

Таркиби кирдори ҷиноятӣ

2) Иштирок дар идтиҳодиэкстремистӣ

бо ҷарима ба андозаи аз як ҳазор то ду ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати аз ду то панҷ сол бо маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан ба фаъолияти муайян ба мӯҳлати то се сол ҷазо дода мешавад (дар таҳрири Қонуни ҶТ аз 6.10.2008, №422)

Таркиби кирдори ҷиноятӣ

3) Кирдорҳои дар қисмҳои якум ё дуюми ҳамин мода пешбинишуда, ки такроран ё бо истифодаи мақоми хизматӣ содиршуда бошад

бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати аз ҳашт то дувоздаҳ сол бо маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан ба фаъолияти муайян ба мӯҳлати аз се то панҷ сол ҷазо дода мешавад

Моддаи 307 (3)

Таркиби кирдори ҷиноятӣ

1) Ташкили фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ё динӣ ё дигар ташкилоте, ки нисбати он аз ҷониби суд қарори эътибори қонунӣ пайдо карда дар бораи барҳам додан ё манъи фаъолияташ бо сабаби ба амал баровардани фаъолияти экстремистӣ қабул шудааст

бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати аз панҷ то ҳашт сол бо маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан ба фаъолияти муайян ба мӯҳлати аз ду то панҷ сол ҷазо дода мешавад

Таркиби кирдори ҷиноятӣ

2) Иштирок дар фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, динӣ ё дигар ташкилоте, ки нисбати он аз ҷониби суд қарори эътибори қонунӣ пайдо карда дар бораи барҳам додан ё манъи фаъолияташ бинобар сабаби ба амал баровардани фаъолияти экстремистӣ қабул шудааст

бо ҷарима ба андозаи аз як ҳазор то ду ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати аз се то панҷ сол ҷазо дода мешавад (дар таҳрири Қонуни ТҶ аз 6.10.2008, №422)

Моддаи 307 (4)

Таркиби кирдори ҷиноятӣ

1) Ташкили таълим ё гурӯҳи таълимии хусусияти динии экстремисти дошта, инчунин роҳбарӣ ё иштирок дар чунин таълим новобаста аз ҷойи таълим

бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати аз панҷ то ҳашт сол бо мусодираи молу мулк ҷазо дода мешавад

2) Ҳамин кирдор, агар:

- бо истифода аз мақоми хизматӣ содир шуда бошад;

- бо маблағгузорӣ намудани чунин гурӯҳҳо алоқаманд бошад

бо махрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати аз ҳашт то дувоздаҳ сол бо махрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан бо фаъолияти муайян ба мӯҳлати панҷ сол бо мусодираи молу мулк ҷазо дода мешавад. (ҚҶТ аз 02.08.11с, №750)

ҶИНОЯТҲОИ ДОРОИ ХУСУСИЯТИ ТЕРРОРИСТӢ

МОДДАИ 179

Таркиби кирдори ҷиноятӣ

Терроризм, яъне содир намудани таркиш, сӯхтор, тирпарронӣ аз яроқи оташфишон ё дигар кирдоре, ки боиси хавфи марги одамон, расонидани зарари ҷиддӣ ба молу мулк ё ба миён омадани оқибатҳои дигари барои ҷамъият хавфнок мегардад, агар ин кирдор бо мақсади халалдор сохтани амнияти ҷамъиятӣ, тарсонидани аҳолӣ ё расонидани таъсир ҷиҳати аз ҷониби мақомоти ҳокимият қабул намудани қарор, инчунин таҳдиди анҷом додани кирдорҳои зикршуда бо ҳамин мақсадҳо

бо махрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати аз панҷ то даҳ сол ҷазо дода мешавад

Таркиби кирдори ҷиноятӣ

2) Ҳамин кирдор, агар:

а) аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ;

б) такроран содиршуда бошад

бо махрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати аз ҳашт то понздаҳ сол бо мусодираи молу мулк ҷазо дода мешавад

Таркиби кирдори ҷиноятӣ

3) Кирдори пешбининамудаи қисмҳои якум, дуюм ҳамин модда, агар он:

а) аз ҷониби гурӯҳи муташаккил;

б) дар алоқамандӣ бо таҳдиди истифодаи яроқи қатли ом, маводи радиоактивӣ ё иҷрои дигар

кирдоре, ки ба ҳалокати оммавии одамон оварда мерасонад;

в) дар ҳолати такроран махсусан хавфнок содир шуда бошад;

г) аз беэҳтиётӣ боиси марги инсон ё ин ки дигар оқибатҳои вазнин гардида бошад

бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати аз понздаҳ то бисту панҷ сол бо мусодираи молу мулк ё ҷазои қатл ё якумра аз озодӣ маҳрум сохтан бо мусодираи молу мулк ҷазо дода мешавад. (ҚҶТаз 31.12.08с №451)

МОДДАИ 179.1

Таркиби кирдори ҷиноятӣ

1) Ҷалб кардани шахсон барои содир намудани ҷиноятҳои дар моддаҳои 179, 1792, 1793, 181,

182, 184, 1841, 1842, 1843, 1844, 185, 193, 194, 1941, 1942, 1943, 1944, 1945, 310 ва 402 пешбининамудаи ҳамин Кодекс ё моил намудани шахс барои иштирок дар фаъолияти ташкилоти террористӣ, яроқнок намудан ё таълими шахсон бо мақсади содир намудани ҷиноятҳои номбаршуда, инчунин мусоидат кардан ба тарзи дигар

бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати аз панҷ то даҳ сол ҷазо дода мешавад (ҚҶТ аз 18.06.08, №386)

Состав преступного деяния

2) Ҳамин ҳаракат агар такроран ё бо истифода аз мақоми хизматиаш содир шуда бошад

бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати аз даҳ то понздаҳ сол бомаҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан ба фаъолияти муайян ба мӯҳлати то панҷ сол ҷазо дода мешавад

МОДДАИ 179.2

Таркиби кирдори ҷиноятӣ

1) Бевосита ё бавосита пешниҳод намудан ё ҷамъ овардани воситаҳо бо мақсади пурра ё қисман истифодаи онҳо ё бо дарки он ки ин воситаҳо барои содир намудани ҷиноятҳои дар моддаҳои 179, 1791, 1793, 181, 182, 184, 1841, 1842, 1843, 1844, 185, 193, 194, 1941, 1942, 1943, 1944, 1945,310 ва 402 пешбини намудаи ҳамин Кодекс истифода мегарданд, ҳамчунин агар воситаҳои мазкур воқеан дар ҷиноятҳои зикршуда истифода нагарданд

бомаҳрумсохтан аз озодӣ ба мӯҳлати аз панҷ то даҳсолҷазододамешавад

Таркиби кирдори ҷиноятӣ

2) Кирдорҳое, ки дар қисми якуми ҳамин мода пешбинӣ гардидаанд, агар:

а) такроран;

б) аз ҷониби гурӯҳи шахсон ё гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ;

в) аз ҷониби шахс боистифода аз мақоми хизматӣ содир шуда бошанд

бомаҳрумсохтан аз озодӣ ба мӯҳлати аз даҳ то понздаҳ сол ҷазо дода мешаванд

Таркиби кирдори ҷиноятӣ

3) Кирдорҳое, ки дар қисмҳои якум ё дуюми ҳамин мода пешбинӣ гардидаанд, агар

а) аз ҷониби гурӯҳи муташаккил;

б) дар ҳолати ретсидиви махсусан хавфнок содир шуда бошанд

бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати аз понздаҳ то бист сол ҷазо дода мешаванд

МОДДАИ 179.3

Таркиби кирдори ҷиноятӣ

1) Даъвати оммавӣ барои содир намудани ҷиноятҳои дар моддаҳои 179, 1791, 1792, 181, 182, 184,1841, 1842, 1843, 1844, 185, 193, 194, 1941, 1942, 1943, 1944, 1945, 310 ва 402 пешбини намудаи ҳамин Кодекс

бомаҳрумсохтан аз озодӣ ба мӯҳлати аз панҷ то даҳсолҷазододамешавад

Таркиби кирдори ҷиноятӣ

2) Ҳамин кирдорҳо, ки бо истифода аз воситаҳои ахбори омма содир карда шудаанд

бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати аз даҳ то понздаҳ сол ҷазо дода мешаванд (ҚҶТ 18.06.08, №386)

МОДДАИ 180

Таркиби кирдори ҷиноятӣ

Иттилооти баръало бардурӯғ оид ба рух додани таркиш, сӯхтор ё дигар кирдоре, ки боиси хавфи марги одамон, расонидани зарари ҷиддии ба молу мулк ё ба рух додани оқибатҳои дигари барои ҷамъият хавфнок оварда мерасонад

бо корҳои ислоҳӣ ба муддати то ду сол ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба ҳамин мӯҳлат ҷазо дода мешавад (ҚҶТ 17.05. 04, №35)

Қонун нашр, нигаҳдорӣ, интиқол додан ва паҳн кардани маводи чопӣ, аудиоӣ, аудиовизуалӣ ва дигар маводеро манъ мекунад, ки ҳадди ақал яке аз нишонаҳои фаъолияти экстремистӣ ва ё террористиро дошта бошад.

Таҳқиқ ва тафтишоти пешакӣ аз рӯи парвандаҳои ҷиноятӣ оид ба ҷиноятҳои дорои хусусияти террористӣ аз ҷониби субъектҳои бар зидди терроризм мубориза баранда ва муфаттишони ин субъектҳо бо шартҳо ва тартиби пешбиникардаи қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида мешавад (моддаи 17 Қонуни ҶТ «Дар бораи мубориза зидди терроризм»).

Рӯйхати шахсони бо терроризм алоқаманд аз ҷониби Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиб дода мешавад.

Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси аризаи Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкилотро (филиал ва (ё) намояндагии онро) ташкилоти террористӣ, харобиовар ва ё экстремистӣ эътироф менамояд.

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ва фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, динӣ ва ё дигар навъи созмонҳоеро манъ мекунад, ки фаъолияташон барои ба амал баровардани ҳаракатҳои экстремистӣ ва ё террористӣ равона шудааст.

Дар соли 2015 дар Тоҷикистон «Номгӯи сомонаҳои аз сӯи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъшуда» тартиб дода шуд ва дар сомонаи ВКД ҶТ нашр гардид. Дар рӯйхат бештар аз 80 сомонаи созмонҳо ва ҳаракатҳои дорои хусусияти экстремистӣ, ки фаъолияташон дар ТҶ мамнуъ аст, ҷо дода шудааст: https://news.tj/ru/news/mvd-opublikovalo-spisok-zapreshchennykh-v-tadzhikistane-saitov. «Ҳаракати исломии Туркистон (пештар Ҳаракати исломии Ӯзбекистон ном дошт)», «Ҳизб ут-Таҳрир», «Салафия», «Ҷамоати Таблиғ», «Ҷамоати Ансоруллоҳ» ва ғайра шомил аст.

Бо номгӯи созмонҳои мамнуъ Шумо метавонед дар замимаи № 1 ин дастурамал ошно шавед.

2.4. Тавсия барои рӯзноманигорон

Қонуни ҶТ «Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма» асоси фаъолияти ВАО-ро дар кишвар муайян муқаррар мекунад. Матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма дар Тоҷикистон озоданд. Ҳама гуна поймол кардани озодии матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма аз ҷониби шахс, шахсони мансабдори мақомоти давлатӣ, ҷамъиятӣ, аз ҷумла дахолат кардан ба фаъолияти касбии редаксияи воситаи ахбори омма, ғайриқонунӣ боздоштан ва ё қатъ намудани фаъолияти он тибқи қонунгузорӣ боиси ба ҷавобгарӣ кашидан мегарданд. **Сензура ва таъқиб барои танқид манъ аст** (мод.3).

Ҳолатҳои махсуси фош накардани ахбор:

ҲОЛАТҲОИ МАХСУСИ ФОШ НАКАРДАНИ АХБОР:

ВОСИТАҲОИ АХБОРИ ОММА ВА ЖУРНАЛИСТ ҲУҚУҚ НАДОРАНД:

насаб, ном ва номи падари шахсеро, ки бо шарти ифшо нанамудани номаш ахбор додааст, зикр намоянд, ғайр аз мавридҳое, ки онро суд талаб мекунад

маълумоти тафтишоти пешакиро бе иҷозати хаттии прокурор, муфаттиш ё шахсе, ки тафтиш мебарад, ошкор намоянд

дар ахборашон натиҷаи пешакии мурофиаи судии парвандаи мушаххасро, ки аз рӯи он қарор эътибори қонунӣ пайдо накардааст, мавриди муҳокима қарор диҳанд

бе розигии ноболиғ ва намояндаи қонунии вай хабареро интишор кунанд, ки боиси зикри шахсияти ноболиғи қонунвайронкунанда гардад

Дар ҳамин ҳол, Қонун чанд ҳуқуқ ва уҳдадории рӯзноманигорро пешбинӣ мекунад: (моддаҳои 28, 29)[11]

ЖУРНАЛИСТ ҲУҚУҚ ДОРАД:

- ахборро ҷустуҷӯ, дастрас, таҳрир ва интишор намояд;
- вобаста ба иҷрои вазифаи журналистӣ бо шахсони мансабдор ҳамсӯҳбат шавад;
- ҳама гуна далелро, аз ҷумла бо истифода аз воситаҳои техникии аудиовизуалӣ, асбобҳои кино ва аксбардор сабт намояд, ғайр аз мавридҳое, ки қонун манъ кардааст;
- бо нишон додани шаҳодатномаи журналистӣ дар маҳалҳои махсус муҳофизатшавандаи офатҳои табиӣ, садама, маҳалҳои бетартибӣ ва ҷойҳои ҷамъшавии шаҳрвандон, инчунин дар маҳалҳое, ки дар онҳо вазъи фавқулодда эълон шудааст, дар гирдиҳамоӣ ва роҳпаймоиҳо ҳузур дошта бошад;
- зимни санҷиши далелу ҳолатҳои вобаста ба маводи дастрасгардида ба мутахассисон муроҷиат намояд;
- аз навиштани маводи хилофи эътиқодаш даст кашад;
- иттилоот ва маводи омоданамудаашро бо номи худ ва ё номи шартӣ (тахаллус) интишор намояд;
- барои ройгон дастрас намудани иттилоот тавассути дархости журналистӣ вобаста ба иҷрои вазифаҳои касбӣ ба ҳуҷҷатҳои расмӣ дастрасӣ дошта бошад;
- аз зери ахборе, ки мазмуни он, ба фикри ӯ, дар рафти таҳрири редаксияи воситаи ахбори омма таҳриф шудааст, номашро гирад;
- оид ба нигоҳ доштани сирри муаллифӣ пешакӣ гуфтугӯ кунад.

11 Қонуни ҶТ «Дар бораиматбуотидаврӣвадигарвоситаҳоиахбориомма» (аз 19.03.2013, № 961): *http://base.spinform.ru/show_doc.fwx?rgn=59056*

ЖУРНАЛИСТ ЎҲДАДОРАСТ:

оинномаи фаъолияти редаксияи воситаҳои ахбори оммаро, ки бо вай муносибати меҳнатӣ дорад, риоя кунад, аз рӯи нишондодҳои он амал намояд;

саҳеҳияти ахбори гирифтаашро санҷад;

пеш аз нашр маводи мусоҳибаи омодакардаашро бо сарчашмаи он мувофиқа намояд;

хоҳиши шахсонеро, ки ахбор додаанд, дар бораи зикри муаллифи-ашон қонеъ кунонад, ба шарте, ки ин хабар бори аввал интишор мешуда бошад;

иҷрои супоришеро, ки сармуҳаррир (муҳаррир) ё редаксияи воситаи ахбори омма додааст, рад намояд, ба шарте ки он мухолифи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад;

ҳуқуқу озодиҳо, манфиатҳои қонунии инсон ва шаҳрванд, ҳуқуқ ва манфиати қонунии ташкилотҳоро эҳтиром кунад;

ҳангоми иҷрои вазифаи касбӣ шаҳодатнома ва ё дигар ҳуҷҷате, ки мансубияти ўро ба воситаи ахбори омма тасдиқ менамояд, пешниҳод кунад;

воситаҳои ахбори оммаро бо мақсади дахолат кардан ба ҳаёти шахсӣ, дидаву дониста нашр кардани хабару маводи бардурӯғ, маълумотҳои тўҳмату таҳқиромез, ки шаъну шараф ва эътиборикории шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро паст мезананд, истифода набарад.

Муҳим: *Дастрасии рӯзноманигор ба иттилое, ки дорои аҳамияти иҷтимоӣ буда, ба масоили ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон дахл дорад, набояд маҳдуд карда шавад.*

Барои ёддошти рӯзноманигорон:

- Ҳангоми зикр кардани мансубияти нажодӣ, қавмӣ, миллӣ, динӣ ва ё минтақавии одамон дар хабару гузоришу мақолаҳо бояд эҳтиёт кард, зеро зикри ин мансубиятҳо метавонад, боиси сар задани муносибати носолими одамони дигар ба намояндагони гуруҳҳои зикршуда гардад ва танишро дар ҷомеа ба бор орад.
- Мансубияти зоҳирӣ ба нажод, халқият, миллат, дин ва ё минтақа набояд боиси рафторҳои ғайриқонунӣ нисбати тоифаи зикршуда гардад.
- Комилан ба далелу рақамҳо пойбанд бошед, аз умумигӯӣ ва ҳадсу гумон парҳез намоед, далелҳоро аз баҳодиҳӣ ҷудо намоед
- Аз шарҳу тафсир худдорӣ намоед, мафҳумҳои ғаразнокро истифода набаред ва аз барангехтани душманӣ парҳез кунед.
- Нуқтаи назари шахсии рӯзноманигор набояд дар жанри хабарӣ таъсир гузорад, дидгоҳҳои манфии худро дар мавод ҷо надиҳед
- Вазифаи рӯзноманигор – бохабар кардани аудитория аст, на назорати афкори ҷамъиятӣ ва ё паҳн кардани афкори манфӣ.
- Нуқтаи назарҳои гуногунро бетарафона ва беғаразона инъикос намояд ва ба аудитория имкон диҳед, ки дар асоси далелу рақамҳо хулосабарорӣ кунад.
- Барои дарёфти назар ва шарҳу тафсир ҳамеша ба мутахассисон ва коршиносони босалоҳият мурочиат кунед ва далелу рақамҳои иловагиро бо он мақсад дар мавод ҷо намоед, ки ҷомеа мавзӯъро хубтар дарк созад.
- Пеш аз он ки маводи худро паҳн намоед, барои коҳиш додани эҳтимоли оқибатҳои ҳуқуқӣ, бо мутахассисон машварат кунед.

3 ТАВСИЯҲОИ АМАЛӢ БАРОИ РӮЗНОМАНИГОРОН

Муаллиф: Инга Сикорская, мудири Мактаби сулҳофаринӣ ва технологияҳои иттилоотӣ дар Осиёи Марказӣ

3.1. Инъикоси масоили динӣ

Бархе аз рӯзноманигорон аз тарси нофаҳмо навиштан ва ё содир кардани иштибоҳи зиёд, мавзӯъҳои диниро нодида мегиранд ва ба инъикоси он машғул намешаванд.

Ҳарчанд дин ва диндорӣ дар зиндагии инсонӣ омил ва ё падидаи муҳиме ба ҳисоб меравад, вале бештари вақт дар расонаҳо инъикос намешавад, зеро рӯзноманигор намехоҳанд ва ё наметавонанд, дар мавзӯъҳои динӣ матлаб таҳия кунанд.

Шакку шубҳаи худро канор гузоред ва огоҳ бошед, ки: стандартҳои байналхалқии рӯзноманигорӣ маҷмуи роҳу усулҳоеро муҳайё намудаанд, ки мо метавонем, ҳамаи мавзӯъҳо, аз ҷумла мавзӯъҳои диниро холисона ва беғаразона инъикос кунем. Бо мутолиаи ин қисмати дастурамал ҳатман ба хулоса хоҳед расид, ки инъикоси мавзӯъҳои динӣ муҳтавои расонаи шуморо рангоранг мекунад ва шумо ҳатман аз уҳдаи шарҳи ангезаҳои рафтори қаҳрамонони гузориш, ҷузъиёти мавзӯъ мебароед, ки чашмҳоро во ва дарки мушкилро осон мегардонад.

ДАР ЁД ДОШТА БОШЕД:

Усули ягонаи инъикоси мавзӯъҳои динӣ вуҷуд надорад. Расонаҳо ва рӯзноманигорон стандартҳои байналхалқиро мадди назар дошта, ҳамзамон талабот ва манфиатҳои хонандагон, миқёси паҳншавии маводи расона ва ҳайати кормандони худро сарфи назар намекунанд.

3.1.1. Стандартҳои байналхалқии рӯзноманигорӣ[12]

Ин бахш дар асоси маводи – Гузоришҳо барои тағйирот: Дастурамал барои рӯзноманигорони маҳаллӣ дар минтақаҳои буҳронии Институти инъикоси ҷанг ва сулҳ (IWPR) омода гардидааст.

Аксарият розӣ ҳастанд, ки дақиқӣ, бетарафӣ ва ростқавлӣ принсипҳои асосии рӯзноманигории воқеӣ ба ҳисоб мераванд, принсипҳое, ки ҳамчунин асоси омодагии касбиро дар IWPR ташкил медиҳанд.

Тақрибан дар ҳамаи кодексҳои ахлоқии рӯзноманигорӣ ҳадди ақал се омили асосӣ зикр мешавад: бетарафӣ, дақиқӣ ва ростқавлӣ. Инҳоро ҳамчунин мешавад, стандартҳои умумӣ унвон кард. Меъёрҳои ахлоқӣ ҳамчунин талаб мекунанд, ки ҳангоми ҷамъоварии иттилоъ ҳам бояд аз ростқавлӣ ва риояи ахлоқ кор гирифт. Аксари кодексҳо ҳифзи сарчашмаи иттилоъро низ ҳангоми ҷамъоварии иттилоъ нуқтаи муҳим арзёбӣ мекунанд.

1. БЕТАРАФӢ

Бештари кодексҳои ахлоқии рӯзноманигорӣ «бетарафӣ» ва «мустақил будан»-ро ҳангоми инъикоси ҳодиса дар ҷои аввал қарор медиҳанд. Аммо ин консепсия барои муайяну мушаххас кардани ҳодиса монеа эҷод мекунад.

Бетарафӣ маънои онро дорад, ки хабарнигор набояд аз як ҳизби сиёсӣ, дин, халқ ва ё гурӯҳи қавмии дигар ҷонибдорӣ кунад. Ин ҷонибдории вай метавонад, ба ҳизбу дин ва халқу гурӯҳҳои дигар зиён орад. Бетарафӣ маънои иттилои одилонаро дар бораи сиёсат

12 Гузоришҳо барои тағйирот: Дастурамал барои рӯзноманигорони маҳаллӣ дар минтақаҳои буҳронии Институти инъикоси ҷанг ва сулҳ (IWPR): *https://bit.ly/2MjWvoM*

пешкаш кардан ва ҳамчунин фароҳам овардани изҳороти ҷонибҳо, инчунин мавқеи тарафҳо дар бораи ҳамдигарро дорад. Аммо принсипи асосӣ он аст, ки рӯзноманигор набояд фикри шахсии худ, мавқеи худ ва ё дидгоҳҳои сиёсии худро изҳор дорад ва ба дигарон талқин намояд.

Рӯзноманигории мутавозин ва ё муътадил байни далелу рақам ва фикру мулоҳиза фарқияти дақиқро таъмин кардан аст.

2. ДАҚИҚКОРӢ

Ҳар кадом кодекси ахлоқии рӯзноманигорӣ дақиқӣ ё дақиққор буданро ҳамчун принсип зикр мекунад. Талоши «дурусту дақиқ анҷом додани кор» ҳамеша аз фаврият пеш меистад. Онҳое, ки шитоб мекунанд, вале ба иштибоҳ роҳ медиҳанд, аз эҳтимол дур аст, ки сазовори сипосу ташаккур шаванд.

Маҳорати навишта тавонистан барои рӯзноманигор маънои дуруст, мухтасар ва пуртаъсир расонидани иттилоъро дорад. Дақиққорӣ – яъне, такя кардан ба далелҳои дақиқ; рӯзноманигор бояд донад, ки иттилои боэътимодро чӣ гуна ва аз куҷо мешавад, дарёфт кард.

Ин маънои мушоҳидакор будан, гӯш карда тавонистан, дониши хуб ва қабл аз ҳама ҳунари ҳамсуҳбат шуданро дорад.

3. ҲАҚИҚАТНИГОРӢ

Одилона рафтор кардан нисбати инсонҳое, ки бо шумо мусоҳиба мекунанд, маънои онро дорад, ки ҳам ҳангоми ҷамъоварии иттилоъ ва ҳам ҳангоми паҳн кардани он бояд наҷобат ва одобро риоя кард.

Ҳамсуҳбатони шумо ҳақ доранд, ки бидонанд, мақола ва ё барнома дар кадом мавзӯъ аст; саҳми онҳо аз иштирок кардан ва ё суҳбат намудан аз чӣ иборат хоҳад буд; гузориши радиоӣ ва ё мусоҳибаи телевизионӣ мустақиман пахш мешавад ё нахуст сабт ва баъдан нашр хоҳад шуд; барнома ва ё гузориш чӣ гуна таҳрир хоҳад шуд. Онҳо ҳамчунин ҳақ доранд, ки донанд, оё дар навор сабт мешаванд ё на, агар сабт мешаванд, пас ҳақ доранд, талаби таҳрир ва тағйиротро кунанд. Аммо ростқавлӣ ва дурусткорӣ дар муносибат байни тарафҳо ва дар инъикоси ҳодиса, ҳамчун принсипи асосӣ бояд дар мақоми аввал қарор дошта бошад.

4. РОСТҚАВЛӢ ВА НАҲОБАТ

Ҳосил кардан ва ҳифз намудани эътимоди ҷомеа аз он вобаста аст, ки рӯзноманигор кори худро чӣ гуна анҷом медиҳад ва ҳосили кори худро чӣ гуна ба аудитория мерасонад. Кодексҳои нонавишта ва навиштаи ахлоқи рӯзноманигорӣ талаб мекунанд, ки ҳам ҳангоми ҷамъоварӣ, ҳам санҷиш ва ҳам паҳнсозии иттилоъ бояд қоидаҳои ахлоқиро риоя кард. Дар сурати мавҷуд будани душвориҳо ва дилеммаҳо, ки дар таҷрибаи рӯзноманигорӣ гоҳ-гоҳе рух медиҳанд (ва имкон намедиҳанд, ки ахлоқи касбӣ риоя шавад), дарки ҳадду ҳудуд ва ба эътибор гирифтани меъёри ахлоқе, ки ҳар кас барои худ мушаххас кардааст, хеле муҳим аст.

Ғайр аз дақиқӣ ва ростқавлӣ, бештари кодексҳо ҳақиқатбаёнӣ, ошкорбаёнӣ ва солимбаёниро низ ҳангоми навиштани гузоришҳои хабарӣ муҳим арзёбӣ мекунанд. Муҳим будани дарёфти иттилоъ маънои онро надорад, ки мо риояи ахлоқро фаромӯш кунем.

Барои мисол, хабарнигорон бо қатъият ва истодагарии худ машҳуранд, аммо набояд ба таҳқир ва тарс додан роҳ диҳанд. Журналистон бояд иттилоъро ошкоро ҷамъ оранд ва ба ҷуз аз ҳолатҳои истисноӣ (ва он ҳам бо иҷозаи сармуҳаррир) дар дигар ҳолатҳо сабти пинҳонӣ анҷом надиҳанд. Ҳар одаме, ки дар расонаҳо танқид шудааст, бояд ҳаққи посух додан ва вокуниш карданро дошта бошад.

5. ҲИФЗИ САРЧАШМАҲО

Кодекси ахлоқи рӯзноманигорӣ маъмулан ба ҳифзи сарчашмаи иттилоъ таваҷҷуҳи зиёд равона мекунад. Ин таваҷҷуҳ то ҳаддест, ки баъзан ҳатто бо қонун мухолифати ошкоро дорад. Баъзеҳо бо такя ба «уҳдадориҳои ахлоқӣ» талаб мекунанд, ки сарчашма ё манбаъ ошкор карда нашавад.

Дар Институти инъикоси ҷанг ва сулҳ (IWPR) мо бар ин назарем, ки ҳифзи сарчашма (ошкор накардани он) ҳуқуқи асосии рӯзноманигор аст. Аммо на дар ҳамаи кишварҳои дунё ҳифзи сарчашма ва махфӣ нигоҳ доштани он ҳамчун стандарти байналхалқӣ эътироф шудааст.

Шакли комили дастурамал дар ин нишонӣ бо забони русӣ дастрас аст: *https://bit.ly/2MjWvoM*



3.1.2. Мавзӯъҳои марбут ба динро чӣ гуна бояд инъикос намуд?

Журналисте, ки мавзӯъҳои диниро инъикос мекунад, вазифадор аст:

- Нақши имону эътиқодро дар ҳаёти инсонҳо эътироф ва эҳтиром кунад;
- Нисбат ба дин кунҷков ва омодаи омӯхтани он бошад;
- Адолатхоҳ бошад ва дарк кунад, ки эҳтимол дорад, дар ҳар саргузашти марбут ба мавзӯъуҳои динӣ бештар аз ду ҷониб ё тараф мавҷуд аст;
- Алоқаманд ё ҳавасманди таблиғи ҳеҷ кадом аз нуқтаҳои назари динӣ набошад;
- Ҳатман ҳама навъи дину мазҳаберо, ки дар кишвар мавҷуд ҳастанд, фаро гирад;
- Барои гузаронидани вақт бо қаҳрамонони худ, сарфи назар аз он ки дар куҷо ва чӣ гуна зиндагӣ мекунанд, ҷамъ мешаванд ва ибодат мекунанд, омода бошад;
- Маҳорати инъикоси дақиқ ва бетарафонаи ҷузъиёти гуногуни боварҳои диниро дошта бошад, ҳатто агар шахсан он боварҳоро қабул надорад ва гузориши таҳиякардааш суолҳои зиёдеро ба бор оварад;
- Дар ёд дошта бошад, ки аксари масоили динӣ ба китобҳои муқаддас (Қуръон[13], Инҷил[14], Таврот[15] ва ғайра) марбут аст; агар шумо дар мавзӯи дин гузориш таҳия мекунед ва бо суханҳо ва масъулон мусоҳиба

13 Қуръон – китоби муқаддаси мусалмонон, ки байни солҳои 610 то 632 милодӣ ба Муҳаммад (с) дар шаҳрҳои Маккаву Мадинаи Арабистони Саудӣ нозил шудааст. Сомонаи Динҳои ҷаҳонӣ, Луғати мафҳумҳои динӣ: *http://www.relig.info/koran*

14 Инҷил – китоби муқаддаси масеҳиён. Сомонаи Динҳои ҷаҳонӣ, Луғати мафҳумҳои динӣ: *http://www.relig.info/bibliya*

меороед, ин тоифа мумкин аст, аз китобҳои муқаддас, сарчашмаҳои динӣ, муфассирон, муҳаққиқони динӣ нақли қавл кунанд, ки шумо дар бораашон умуман огоҳӣ надоред. Аз ҳамин хотир, ҳангоми ҷамъоварии иттилоъ барои дақиқ кардани посухҳо шумо маҷбур ҳастед, ба мусоҳибон саволҳои иловагӣ бидиҳед, то ин ки ба умқи мавзуъ сарфаҳм равед. Аммо бо ин вуҷуд хунсардӣ ва идораи худро аз даст надиҳед, беғаразӣ ва бетарафиро риоя кунед.

- Бофарҳангона кор кунед, ҳунари волои тасвиргарӣ дошта бошед, то барои хонандагони худ маросимҳои гуногуни динӣ ва мушаххасоти онро тасвир намоед.

ХАБАРИ ДИНӢ ЧИСТ?

Хабари динӣ – ин ҳама гуна мавзӯъ, хабар ва ё саргузаштест, ки дар он дин, эътиқод, диндорӣ ва ё ахлоқи динӣ нақши калидӣ дорад.

15 Таврот – китоби муқаддаси яҳудиён. Сомонаи Динҳои ҷаҳонӣ, Луғати мафҳумҳои динӣ: *http://relig.info/encyclopedia/iudaizm*

Кадом навъи ҳаводис ё руйдодҳо хабари динӣ ба ҳисоб мераванд?

1. Ҳама гуна хабарҳои байналхалқӣ, аз ҷумла хабарҳои сиёсӣ, варзишӣ, тиҷорат, маориф, ҷиноӣ, санъат ва саргармӣ, илм, саломатӣ, муд, сайёҳат. Ба бисёре аз навъҳои хабарҳои зикршуда журналист метавонад, аз даричаи дин ворид шавад.

2. Метавонанд гузоришҳои таҳқиқотӣ, мавзуҳои доғе бошанд, ки қаҳрамонони ин рӯйдодҳо пайравони равияҳои динӣ (конфессияҳо) ҳастанд, ё саргузашти одамони машҳуру одамони оддӣ, ки таваҷҷуҳ рӯи диндории онҳо сурат гирад. Ҷаҳони атрофи мо пур аз саргузаштҳои марбут ба некиву бадӣ, муборизa бо душворӣ, сулҳ, бахшиш ва пирӯзӣ аст – ба ин ҷузъиёт аз равзанаи анъанаҳои динӣ бингаред ва ҳатман барои маводи оянда атон сабаби хабарӣ пайдо хоҳед кард!

3. Хабар ва ҷанбаҳои таҳлилиро дар мавзӯъҳои марбут ба як ё якчанд дин ва таъсири онҳо ба ҳаёти имрӯзии кишвари худ ҷустуҷӯ намоед. Бо тасвири рӯйдодҳои муҳими таърихӣ ва ё иҷтимоӣ, нуқтаи барҳӯрди байни динҳои мухталифро дар ягон қаринае пайдо кунед, дар бораи асосҳои бунёдии дин (маконҳои ибодат, масҷид, калисо, конфессия, ҷараёнҳои динӣ ва ахлоқи динӣ) нақл намоед ва нишон диҳед, ки берун аз деворҳои бунёдии дин чӣ мегузарад.

ГУНОГУНИИ ДИНӢ

- ин падида баёнгари он аст, ки дар боварҳо ва амалияҳои динӣ тафовут ҷой дорад. Ин воқеият аз сӯи инсонҳо, сарфи назар аз бунбастии ҷомеа ва мансубиятҳои диниашон, ҳамеша эътироф мешуд.

ГУНОГУНИИ ДИНИРО ДАРК НАМОЕД

Тафовутҳои динии кишвари худро биомӯзед, ҳатто агар шумо бо онҳо ҳамақида нестед ва суолҳои зиёде нисбаташон доред. Ҳамеша донишҳои динӣ ва муосири худро такмил диҳед.

Ахлоқи рӯзноманигорӣ ва бархурди манфиатҳо ҳангоми инъикоси мавзӯъҳои динӣ

1. Оё рӯзноманигоре, ки мавзӯъҳои диниро инъикос мекунад, метавонад, пайрави конфессияе бошад ва ибодатҳои диниро анҷом диҳад? Бале. Конституцияҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ ба ҳамаи шаҳрвандон ҳақ медиҳанд, ки озодона аз дин пайравӣ кунанд. Бо назардошти ин, рӯзноманигор метавонад, аз дини худ пайравӣ кунад ва ҳамзамон принсипҳои ахлоқиро риоя намояд. Ва эҳтимолан, донишҳои динии вай барои таҳияи гузоришҳояш мусоидат кунанд.

2. Ба хотири гурез аз вайрон кардани меъёрҳои ахлоқӣ **НАБОЯД:**

- хабар ва гузоришро аз ҳамон масҷид, калисо, ибодатгоҳе таҳия кард, ки шумо онҷо мудовим барои анҷоми ибодат меравед;

- таблиғи арзишҳои мазҳабӣ ва динии худро бештар аз динҳое дигаре дар мавод ҷо дод, ки дар бораашон менависед;

- мудовим истифода кардани дидгоҳҳои аъзои масҷид ва ё ибодатгоҳе, ки шумо онҷо барои ибодат меравед;

- хабар додан аз мушкилоти ҷамоати худ (намозгузорон ва масҷиди маҳаллаи худ) ва таблиғ кардани онҳо дар гузоришҳо;

- навиштан дар бораи мушкилоти дунявие, ки бо дидгоҳҳои мазҳабии шумо мухолифат доранд.

Ҳамчунин шумо бояд аз ишғоли мақомҳои роҳбарӣ ва пешвоӣ дар ҷамоати худ даст кашед, зеро ин метавонад принсипи бетарафӣ ва беғаразии шуморо ҳангоми инъикоси масоил ва анъанаҳои динӣ зери шубҳа гузорад.

Рӯйхати созмонҳои қонунӣ ва ғайриқонуниро дар Осиёи Марказӣ чӣ гуна санҷид?

ҚАЗОҚИСТОН

Кумитаи корҳои динии назди вазорати фарҳанг ва варзиши Қазоқистон *http://www.din.gov.kz/*

Кумитаи омори ҳуқуқӣ ва барӯйхатгирии мах-суси Додситонии кулли Қазоқистон *http://pravstat.prokuror.gov.kz*

ТОҶИКИСТОН

Кумитаи дин, танзими анъана ва ҷашну маро-симҳои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

https://www.din.tj/tj

Департаменти миллии мониторинги назди Бон-ки миллии Тоҷикистон

http://nbt.tj/ru/financial_monitoring/perechni.php

ҚИРҒИЗИСТОН

Комисияи давлатӣ дар умури дини Ҷумҳурии Қирғизистон

http://www.religion.gov.kg

ТУРКМАНИСТОН

Генгеш оид ба корҳои динии назди Президенти Туркманистон

Сомона надорад

УЗБЕКИСТОН

Вазорати адлияи Узбеки-стон

https://www.minjust.uz/ru/interactive/reestr-relig/

Кумита оид ба корҳои динии Узбекистон

https://data.gov.uz

Додситонии кулли Узбе-кистон

http://www.prokuratura.uz

Маълумотҳои кушодаи байналхалқӣ дар мавриди дин

Virtual Religion Index
(Шохиси маҷозии дин)

http://virtualreligion.net/vri/ Махзани англисӣ барои анҷоми пажуҳиш дар умури дин. Пажуҳишҳои зиёдеро дар бахши дину мазҳабҳои гуногун фароҳам оварда, ба сомонаҳои динӣ роҳнамоӣ мекунад. Пайвандҳо на танҳо ба саҳифаҳои асосии сомонаҳо роҳнамоӣ мекунанд, балки ҳуҷҷатҳо ва саҳифаҳои лозимиро дастрас менамоянд.

The Association of Religion Data Archives (ARDA)

http://52.9.15.250/ Эътилофи махзанҳои иттилооти динӣ (ARDA), шохиси динҳо, озодиҳои динӣ дар кишварҳои дунё.

World Christian Database
(Пойгоҳи ҷаҳонии омори масеҳият)

https://worldchristiandatabase.org/ Махзани англисӣ иттилои комили омориро дар бораи динҳои ҷаҳонӣ, конфессияҳои масеҳӣ ва дигар гурӯҳҳо дастрас мекунад.

Religion online

RELIGION ONLINE

http://www.religion-online.org/
Махзани англисӣ барои кумак ба касоне пешбинӣ шудааст, ки ҳавасманди омӯзиши масоили динӣ ҳастанд.

World Religion Resources

http://www.refdesk.com/factrel.html Сомонаи англисӣ бо пайванд ба махзанҳои ҷаҳонии динӣ

Religion Facts

ReligionFacts
Just the facts on religion.

http://www.religionfacts.com/ Махзани англисие, ки дар бораи масоили гуногуни динӣ, инчунин расму одатҳои мазҳабии адёни ҷаҳон посух медиҳад.

World Atlas

worldatlas

https://www.worldatlas.com/ Махзани англисӣ, ки оид ба самтҳои гуногун, аз ҷумла дин омор пешниҳод мекунад

Pew Research Centre

https://www.pewresearch.org/ Маркази пажуҳишӣ бо забони англисӣ, ки дар мавзуи дин маводи зиёдеро ҷамъоварӣ кардааст.

3.1.3. Усулҳои инъикоси мавзӯъҳои доғи динӣ дар ОМ

Дар асри 21 мафҳуми хабару гузориш дар мавзӯъҳои динӣ ва тарзи омода кардани онҳо тағйир ёфт. Агар 20-30 сол пеш таҳияи хабару таҳлилҳои динӣ махсуси созмонҳои динӣ буданд, пас ҳоло мавзӯъҳои марбут ба динро дар ҳамаи расонаҳо ва сомонаҳои интернетӣ вохӯрдан мумкин аст.

Ин ба он марбут аст, ки ҷомеа дар бахши дин гуногунрангтар шуд, сарҳадоти дину диндорӣ таҳрик ёфтанд, аксари мафҳумҳо ва арзишҳои динӣ ба ҷомеаи муосир мутобиқ шуданд.

Чанд намунаи мавзӯъҳои доғ (трендҳо)-и расонаҳо ва усулҳои инъикоси онҳо

Тренди 1. *Баҳсу мунозира дар минбарҳои сиёсӣ, дар ҷомеа ва дар Интернет оид ба пӯшидани либоси динӣ (маъмулан исломӣ), иҷозати вуруди ин гуна одамон ба муассисаҳои омӯзишӣ ва давлатӣ ва ё бардошти галат аз занҳои мусалмон, баҳси мақому нақши онҳо дар хонаву ҷомеа. (ҳар як мавзӯъро дар як саҳифа муаррифӣ кунед ва вобаста ба мавзӯъ мумкин аст расм ё тасвиреро истифода бурд.)*

Ин мавзӯъро расонаҳо чӣ гуна инъикос мекунанд?

Бештари вақт расонаҳои дунявӣ дар Осиёи Марказӣ (ОМ) ба ин мавзӯъ бархӯрди танқидӣ доранд ва муҳтавои онро манфӣ инъикос карда, нисбати гурӯҳҳои исломӣ аз ифодаҳои таҳқиркунанда ва мафҳумҳои манфӣ кор мегиранд. Бархе аз расонаҳо видео ва аксҳои одамонеро бо либосҳои исломӣ ба матолиби динии худ илова месозанд, дар пасманзари онҳо ҷангу вайронӣ дида мешавад. Бархеи дигар дар саҳифаҳои

интернетии худ чунин назарпурсиҳо баргузор мекунанд: «Зани ҳиҷоб-дор барои шумо чӣ аҳамият дорад?» ва ё «Шумо садо додани азонро чӣ гуна қабул мекунед?». Вале посуҳҳои интихобие, ки барои ин назар-пурсиҳо омода кардаанд, тобиши манфӣ дошта, дар зеҳни аудитория нисбат ба одамони диндор муносибати манфиро бедор месозанд.

Расонаҳо аксари вақт вазъи занҳоро дар ҷомеаҳои исломӣ ба таври шубҳаовар тасвир мекунанд – бидуни ҳаққу ҳуқуқ ва талош барои худ-созӣ. Ҳамчунин танқиди ислом барои дар ихтиёри мардон гузоштани ҳаққу ҳуқуқи бештар ва нодида гирифтани манфиати занҳо ба чашм мехӯрад. Эҳтимол, чунин ҳолат вуҷуд дошта бошад, вале умумигӯӣ дар ин маврид номақбул аст.

Қоидаҳои инъикоси ин масоил:

1. Гузориши худро бо замина таъмин кунед.
2. Ба аудитория нақл кунед, ки чаро қонунҳои динӣ пӯшидани либоси махсус (ва ё садо додани азон)-ро талаб мекунанд ва инҳо чӣ маънӣ доранд.
3. Дар робита ба ин мавзӯъ нуқтаи назарҳои гуногунро ҷамъо-варӣ кунед ва таҷрибаи ҷаҳониро доир ба либоси мазҳабӣ (ва ё садо додани азон) дар кишварҳои дигар зикр намоед.
4. Қонунҳои маҳаллиро (агар чунин қонуне мавҷуд бошад) дар робита ба мавзӯи мазкур зикр кунед.
5. Стандартҳо ва ҳуҷҷатҳои байналхалқии марбут ба озодии дин ва диндорӣ фаромӯш насозед. Дар матн ҳамчунин мешавад аз онҳо ёд кард.
6. Фикру ақидаҳои гуногунро ҷамъоварӣ созед, ҳамчунин оид ба ин масъалаҳо назари пайравони дину мазҳабҳои дигарро гирифтан мумкин аст.
7. Ҳангоми инъикоси занҳои мусалмон таҳлили муқоисавӣ анҷом дода, барои мисол, занони фаъоли мусалмон ва соз-монҳои онҳо, фаъолияти онҳоро барои беҳбуди ҷомеа ва ғай-ра зикр кунед.

8. Ақидаи намояндагони дину мазҳаб ва гурӯҳҳои динии дигарро дар бораи нақши зан дар ҷомеа дарёфт кунед.

9. Аксу наворҳои бидуни амалиёти ҷангӣ ва даҳшатнокро истифода баред.

10. Бахши «Чӣ гуна ба паҳнкунандаи «забони душманона» набояд табдил шуд»-ро аз дастурамали мазкур омӯзед ва дарсҳои видеоиро[16] дар ин мавзӯъ тамошо кунед, инчунин ба луғат ворид шуданро аз ёд набароред.

11. Агар шумо ба инъикоси низое машғул ҳастед, ки дин дар он нақши калидӣ дорад, пас василаҳои рӯзноманигории сулҳофарро истифода баред. Васила ва ё абзорҳо дар дарсҳои видеоии мо мавҷуданд[17].

16 Мактаби расонаии CABAR.asia, дарси видеоии «Инга Сикорская: Забони душманона чист ва дар фаъолияти рӯзноманигорӣ чӣ гуна аз он парҳез кард? (соли 2019): *https://school.cabar.asia/video/chto-takoe-jazyk-vrazhdy-i-kak-ego-preodolet-v-zhurnalistike*

17 Мактаби расонаии CABAR.asia, дарси видеоии «Инга Сикорская: рӯзноманигории сулҳофар ҳангоми инъикоси низоъ» (соли 2019): *https://school.cabar.asia/video/inga-sikorskaja-mirotvorcheskaja-zhurnalistika-pri-osveshhenii-konfliktov/, соли 2019*

Тренди 2. *Саргузашти одамоне, ки дину ойини худро иваз кардаанд ва дар хонаводаву ҷомеа чӣ зиндагӣ доранд. Прозелитизм – ихтиёрӣ ва ё зери таъсири таблигот аз як дин ба дини дигар гузаштани як инсон барои расонаҳои маҳаллӣ мавзӯи ҳассос ба ҳисоб меравад. Инъикос ва густариш додани чунин мавзӯъ баъзан бо фоҷеа анҷом мешавад.*

Ин мавзӯъро расонаҳо чӣ гуна инъикос мекунанд?

Мавзӯи прозелитизм дар расонаҳои маҳаллӣ ё дар хабарҳои ҷиноие зикр мешавад, ки дар онҳо латту кӯб, хушунат болои прозелитҳо ё маросими дафну боздафни онҳо баён мегардад, ва ё дар гузоришҳое, ки муносибати ҷомеа нисбати прозелитҳо таҳлил мешавад. Дар бештари ҳолат – ин саргузашти узви оилаи мусалмоне аз кишварҳои Осиёи Марказӣ аст, ки масеҳиятро қабул кардааст.

«Дар ноҳияи Ала-Букин ҷасади Канигул Сатиболдиеваи 76-соларо дар ҷои дигар дафн карданд, зеро барои вай на дар қабристони мусалмонҳо ва на дар қабристони масеҳиҳо ҷо пайдо нашуд. Сабаб – ин зан пайрави оини баптистии масеҳӣ буд.

Бархе аз ҳамдеҳагон зидди дар қабристони масеҳиҳо дафн кардани он баромаданд. Баъди ин мақомоти маҳаллӣ тасмим гирифтанд, ки ҷасади ӯро дар ҷои дигар дафн кунанд.

Сатиболдиева 13 октбяр вафот кард ва ӯро нахуст хостанд, дар қабристони мусалмонҳо дафн кунанд. Аммо сокинони маҳаллӣ зиддият нишон доданд. Баъдан ҷасади вай дар қабристони масеҳиҳо дафн шуд, аммо инҷо ҳам зиддият нишон дода шуд. Масеҳиҳо гуфтанд, вай ҳамдинашон набуд. Хешовандон гуфтанд, ҷасади ӯ аз қабристони мусалмонҳо бо ташаббуси имомони маҳаллӣ берун оварда шудааст»[18].

18 Намунаи хабар аз расонаҳои Қирғизистон, соли 2016

Қоидаҳои инъикоси ин масоил:

1. Ҳангоми инъикоси чунин масоил инсондӯстӣ – яке аз принсипҳои рӯзноманигориро ба хотир оред. Бо дарки таъсири сухан ва инъикоси образҳо дар ҳаёти инсонҳо (дар ҳолати мазкур таъсир ба прозелитҳои дигар) мешавад, ба хулоса расид, ки баъди хондани ин хабар дар ҷомеа нисбати онҳо чӣ гуна муносибат шакл хоҳад гирифт ва барои онҳо чӣ пайомад хоҳад дошт. Аз ҳамин хотир, хеле муҳим аст, ки ҳамаи далелҳо дар матн ҷо карда шаванд ва мавзӯъро бояд ба таври комил ба аудитория расонд.

2. Контекст бояд инҳоро дар бар гирад:

- Шарҳ ва муроҷиат ба моддаи Конституцсия оид ба озодии дину ақида (ба боби якум ва дуввуми дастурамал муроҷиат кунед), ки ҳуқуқи шаҳрвандонро ба доштан, интихоб кардани дину ақида, иваз кардани дину ақида; изҳор доштан ва паҳн кардани дину ақидаи худ дар бар мегирад;
- Зикри он ки дафни инсон ба ҳифзи шаъну эътибор, ҳуқуқ ба озодӣ ва дахлнопазирии шахсӣ марбут буда, дар қонунҳои байналхалқӣ ва дохилӣ асос ёфтааст.
- Назари масъулони расмӣ аз мақомоти давлатӣ оид ба умури дин; мақомоти маҳаллӣ (зеро масъулияти қабристон дар уҳдаи мақомоти маҳаллӣ аст); намояндагони мақомоти қудратӣ, зеро монеъ шудан ба дафни инсонҳо вайронсозии ҳуқуқи исон ба ҳисоб меравад ва метавонад, ҳамчун амали созмонёфтае арзёбӣ шавад, ки ба таблиғ ва ангехтани бадбинии динӣ равона шуда бошад ва дар доираи қонунгузории ҷиноӣ баррасӣ мешавад.

3. Шарҳи созмонҳои ҳомии ҳуқуқ, ки ба ҳифзи озодиҳои динӣ машғул ҳастанд.

4. Ҳангоми инъикоси масоили прозелитизм хеле муҳим аст, ки назари коршиносон аз созмонҳои мустақил, байналхалқӣ ва ё олимон оварда шавад, то ин ба аудиторияи шумо масоили таҳаммулгароии диниро шарҳ диҳанд.

5. Ҳатман омори маҳаллиро дар бораи гуногунии динӣ зикр кунед. Овардани чунин омор боис мешавад, ки аудиторияи шумо дар бораи гуногунии динӣ дар ҷомеа огоҳӣ ёбад.

6. Маълумотҳои кушодаро истифода баред, шохиси озодиҳои динӣ ва таҳаммулнопазирии диниро, ки кишвари шуморо баҳогузорӣ кардааст, зикр намоед.[19]

7. Дар маводҳои худ гуногунандешии диниро ҷой диҳед. Аудиторияро бо ин роҳ соҳиби маълумот карда, шумо ба тағйироти мусбати андешаи мардум дар бораи гуногунии динӣ асос мегузоред. Андеша ва вокуниши ҷомеа, баҳогузории он дар ин ҳолат аҳамияти зиёд дорад. Аммо худситоӣ накунед – ин раванди тӯлонӣ аст ва аудиторияи шумо бояд ба чунин гуногунандешӣ омода шавад! Дар ҳар сурат, касбияти шумо, хоҳиши иттилоъ додан дар бораи мушкилот, бо такя ба принсипҳои ахлоқӣ, натиҷаҳои мусбат ба бор меоранд.

15 Такя ба захира дар бахши навбатии дастурамал оварда хоҳад шуд.

Тренди 3. *Инъикоси масоили динии ақаллиятҳо мавзӯи ҳассосест, ки дар расонаҳои ОМ кам дида мешавад. Масоили гуногунрангии динӣ тақрибан ҳамеша омехтаи барчаспҳо ва боварҳои қолабие аст, ки бо воқеият созгор нестанд.*

Ин мавзӯъро расонаҳо чӣ гуна инъикос мекунанд?

Дар расонаҳои ОМ ин мавзӯъ ҳангоме зикр мешавад, ки ё дар сатҳи ҷумҳурӣ сиёсати динӣ баррасӣ гардад ва намояндагони созмонҳои сабтношудаи динӣ дар чорабиниҳои умумӣ ширкат варзанд, ва ё дар ахбори ҷиноӣ, ки миёни ақаллиятҳои динӣ низоъ бархезад, ибодатгоҳи онҳо баста шавад, ё хабари ҳабсу зиндони онҳо расонаӣ гардад. Дар ҳолатҳои дигар, бо иттилоъ додан дар бораи чунин ҳаводис расонаҳо ба таҷрибаи мақомот такя мекунанд: «роҳ надодан ба паҳншавии идеяҳои тундгаро ва харобиовари ҷараёнҳои динӣ». Баъзан рӯзноманигорон маводи ғаразноку якҷонибаеро нашр мекунанд, ки он барчаспҳо ё доғҳои зиёди таҳқиромез дорад ва бидуни асос ақаллияти диниеро айбдор месозад. Чунин навъи инъикос гурӯҳҳои ақаллияти диниро дар чашми ҷомеа бадтар ҷилва медиҳад ва таҳаммулнопазириро бештар мегардонад.

«Аз пайравони Кришна худро эҳтиёт кунед! Дар муқоиса бо секстантҳои хашини протестантӣ, пайравони Кришна тақрибан беозор менамоянд... Аммо чунин нест. Эълони ҷавони пайрави Кришна монанд ба инро: «Танҳо бо духтари пайрави Кришна шинос мешавам» дар шабакаҳои иҷтимоӣ зиёд дидан мумкин аст. Онҳо одамонро ба худӣ ва бегона ҷудо мекунанд. Яъне, бо онҳое, ки мафтуни кришнаизм нестанд, суҳбат кардан намехоҳам. Пайравони анъанавии масеҳӣ, мусалмон, буддоӣ ҷуфти ман нестанд! Бо ҳамин роҳ дар ҷомеа ақидаи бартарии дини худро тариб мекунанд.»[20]

20 Бознашр дар расонаҳои маҳаллии Русия.

Қоидаҳои инъикоси ин масоил:

1. Пеш аз он ки ба инъикоси масоили ақаллиятҳои динӣ мепардозед, дар барои ин гуна гурӯҳҳо иттилои бештар ҷамъ оред ва бо намояндагони ин ақаллиятҳо ҳадди ақал як рӯзро якҷо гузаронида, бо расму оийн ва бархурдашон бо одамони дигар ошно шавед. Барои он ки дар ниҳоят дар бораи онҳо иттилои дурустро ба аудитория расонед. Ҳеч зарурате нест, ки ба дину ойини онҳо гаравед, аммо дарки амиқ ва расонидани иттилои саҳеҳ ба аудитория ҳатмӣ аст.

2. Аз он ҷо ки дар кишварҳои ОМ раванди қонунии сабти номи созмонҳои динӣ сурат мегирад, вазъи ҳуқуқии ҷамъияти диниеро дақиқ намоед, ки дар бораш навиштан мехоҳед. Ёдовар шудани ин вазъро дар гузориши худ фаромӯш насозед.

3. Ба қолабҳои мавҷуда дар бораи ин ҷамъияти динӣ дар ҷомеаи худ таваҷҷӯҳ намоед. Чаро чунин бардоштҳо ё қолабҳо нисбати ин ҷамъият пайдо шудааст? Омилҳои берунӣ ё хоричӣ дар кишвари шумо (қонунгузорӣ, озодии изҳори ақида, сатҳи тафаккури интиқодии аудитория) ба шаклдиҳии бардоштҳо нисбати ақаллияти динии мазкур таъсир мерасонанд? Дар ин бора аз коршиносон ва олимон суол кунед.

4. Гуногунрангии диниро тавассути нуқтаи бархурд ва ҳамзистии динҳои мухталиф дар ҷомеа инъикос намоед. Принсипи гуногуншаклӣ дар рӯзноманигорӣ дар дидани ҳамаи гурӯҳҳои дар кишвар зиндагидошта хулоса мешавад. Дар ёд дошта бошед, вақте одамон худро дар оинаи расонаҳо мебинанд, дар вуҷуди онҳо эҳсоси рабт доштан ба ҷомеае, ки дар он зиндагӣ доранд, бедор мешавад. Ин ба субот ва рушд таъсири мусбат хоҳад дошт.

5. Ақаллияти диниро муқобили ҷомеа қарор надиҳед. Одамонеро пайдо кунед, ки аъзои ақаллияти динӣ бошанд ва ҳамзамон барои пешрафти кишвар саҳмгузоранд. Ҳассос ва хушахлоқ бошед, ҳатман аз онҳо пурсед, ки оё омодаанд, қаҳрамони маводи шумо бошанд ва дар бораи мансубияти динии худ нақл кунанд.

6. Ба ҳодиса ё низои охире, ки мумкин аст, бо иштироки аъзои ин ақаллияти динӣ рух дода бошад, таваҷҷуҳи зиёд равона накунед. Решаҳои мушкилеро ҷустуҷӯ кунед, ки дар аксари ҳолат бо мансубияти динии онҳо ҳеч рабте надорад.

Дар ёд дошта бошед, ки гуногунӣ ва фарқияти динӣ, мисли гуногунии қавмӣ, дар таҷрибаи ҷаҳонӣ манбаи низоъ ба ҳисоб меравад. Дар воқеъ, аз бархӯрди қавмиву динӣ пешгирӣ кардан хеле душвор аст, зеро, барои мисол, гурӯҳҳои дар ҳоли низоъ бештари вақт аз рӯи мансубияти динӣ низ аз ҳамдигар фарқ мекунанд.

7. Агар шумо дар бораи ҷамъияти мазҳабие дар заминаи мавзӯъҳои ҳассос гузориш таҳия кардан мехоҳед, аз хотир набароред, ки бояд ба ҳамаи гурӯҳҳо имкони баробари суҳбат кардан, дар бораи худ нақл карданро фароҳам овардан даркор аст. Садои ҳамаи гурӯҳҳоро дар тавозун инъикос кунед.

8. Далелҳоятонро дар матн ворид созед ва дар маводи таҳлилӣ ё таҳқиқоти рӯзноманигорӣ тавассути суҳбат бо коршиносон роҳҳали мушкилро пешниҳод намоед.

9. АММО, то замоне ки аудиторияи шумо омодаи қабули гуногунрангии динӣ нашудааст, гуфтугӯро барои ҳалли ин гуна мушкил талқин накунед. Ин маънои онро дорад, ки агар шумо тасмим гирифтед, дар бораи ақаллияти динӣ нависед, пас бояд пайи ҳам чандин маводи таърихӣ, таҳлилӣ таҳия ва нашр кунед, то ин ки аудитория шумо омода шавад.

10. Дар маводатон қонунгузории кишвари худро оид ба дин зикр намоед. Оё ба дину мазҳаби аксарият дар кишвар авлавият дода шудааст ё ҳамаи дину оин дар назди қонун баробаранд? Агар ҳама баробар бошад, пас оё ин талабот дар амал риоя мешавад? Ишора кардан ба ҳуқуқҳои асосии инсонро, ки озодии динӣ ҳам шомили он аст, фаромӯш насозед.

11. Ҳамеша ба маълумотҳои кушодаи манбаҳои байналхалқӣ мурочиат намоед, ки рейтинги озодии динӣ ва дигар масоили марбут ба диндориро нашр мекунанд. Ин гуна иттилоъро дар маводи худ ҷой диҳед, то ин ки аудитория бохабар бошад.

Тренди 4. *Муқоиса байни дин ва тундгарой; омехта кардани бархе аз ҳолатҳо, ислом бо терроризм, махсусан ҳангоми тасвир кардани амалҳои террористӣ ё фаъолияти гурӯҳҳои мамнуъ. Ва ё баръакс, ҳангоми тасвири ҳодисаҳои ҷиной расонаҳо ҷойи мафҳумҳоро иваз мекунанд ва ба аудитория образҳои қолабӣ, барои мисол «террористи мазҳабӣ»-ро интиқол медиҳанд, ки дар воқеъ чунин нест. Ин тренд на танҳо дар расонаҳои Осиёи Марказӣ ҷой дорад, балки бештари вақт дар расонаҳои ҷаҳонӣ низ дида мешавад. Инчунин ҳолатҳое низ кам нестанд, ки гурӯҳҳои террористӣ расонаҳоро барои ташаккули афкори иҷтимоии барои худ муносиб истифода мебаранд. Онҳо метавонанд, иттилоъ ва навори таҳияшударо дар бораи «фаъолияти худ», ки гӯё меъёрҳои диниро иҷро мекунанд, ба расонаҳо фиристанд.*

Ин мавзӯъро расонаҳо чӣ гуна пешниҳод мекунанд?

Намунаи густардае, ки тасвири фоҷеаи зер ба ин тренд мувофиқ аст: «Шаби сешанбе ба чаҳоршанбе дар ... истон панҷ террорист автобусеро бо 24 шаҳрванде гаравгон гирифтанд, ки аз нуқтаи А ба нуқтаи Б ҳаракат дошт. Баъди ин «бандитҳо» бо мақомот тамос гирифта, раҳоии дӯстонашонро талаб карданд, ки моҳи гузашта барои ташкили таркиш дар назди бинои ҳукумат дар пойтахт боздошт шуда буданд. Дар натиҷаи амали террористие, ки аз сӯи тундгароёни исломӣ ташкил шуда буд, 15 одам кушта шуд».[21]

21 Намуна аз расонаҳои маҳаллӣ, ки ҳангоми мониторинги расонаҳо пайдо шуд.

Қоидаҳои инъикоси ин масоил:

1. Дар идораи худ мушаххас созед, онҳоеро, ки чунин ҷиноятҳоро содир мекунанд, чӣ гуна ном хоҳед бурд. Бар асоси стандартҳои байналхалқии рӯзноманигорӣ, мо ҳақ надорем, то содир шудани қарори додгоҳ, иштирокчиёни ин гуна ҷиноятҳоро «террорист» ном барем. Ба ҳамин далел рӯзноманигори касбӣ дар гузориши худ аз истифодаи ибораи «тундгароёни исломӣ» худдорӣ меварзад. Гузашта аз ин, мафҳуми «тундгароёни исломӣ» умуман вуҷуд надорад. Агар сарфи назар аз ҳамаи ин қоидаҳо, рӯзноманигор ин гуна мафҳумҳоро истифода барад, дар он сурат дин ва ҷиноятро ба ҳам омехта кардааст.

2. Барои худ луғати шарҳи мафҳумҳоро таҳия кунед ва ё аз луғати тартибдодаи мо истифода баред[22].

3. Агар ин одамон аз сӯи додгоҳ террорист эътироф шуда, дар ин бора қарори додгоҳ ҳам содир шудааст, пас шумо бояд дар маводатон қарори додгоҳро зикр кунед.

4. Ҳамеша ангезаи ғайридинӣ доштани ҳодисаро ошкор кунед, вале бо ин вуҷуд бетараф боқӣ монед. Вазифаи шумо қабул кардан ё рад кардани онҳо нест. Журналист бояд танҳо далелҳои тасдиқшударо ба аудитория расонад.

5. Афсонаҳои гурӯҳҳои мамнуъро, барои мисол, дар бораи доштани бомба ва ё дастрасӣ доштан ба силоҳи ҳастаӣ бо таҳияи гузоришҳо ва таҳқиқотҳо шикаст диҳед – ин бофтаи тахайюли онҳост. Мисли «ҷиҳод»-и хаёлиашон, ки гӯё ба хотири дин анҷом медиҳанд. Ва ё афсонаи дигар, ки гӯё гурӯҳҳои тундгаро барои анҷом додани ҷиҳод дар Осиёи Марказӣ ҷамъ мешаванд. Бо баргузории таҳқиқоти журналистӣ ин афсонаҳоро ботил созед ва воқеиятро ба аудитория расонед.

22 Пайванд ба боби 4 ҳамин дастурамал.

Тренди 5. *Ҳангоми инъикоси масоили мазҳабӣ журналистон бештар талош мекунанд, ба манбаҳое такя намоянд, ки тарзи тафаккурашон асосан аз донишҳои динӣ шакл гирифтааст.*

Ин мавзӯъро расонаҳо чӣ гуна инъикос мекунанд?

«Аз он ҷо ки аксарият пайрави ин дин ҳастанд, мо бояд талош кунем, ки барои ибодати онҳо шароитро дар ҳама ҷо фароҳам оварем.[23] *Вай афзуд, ки ин дастури пайғамбар аст».*

Қоидаҳои инъикоси ин масоил:

1. Ин таҷрибаи хатарнок аст, ки дар расонаҳои дунявӣ танҳо ба чунин манобеъ эътимод карду танҳо ин гуна андешаву тафаккурро паҳн намуд. Бидуни зарурат ва шарҳи дақиқ дар маводи худ истилоҳоти теологӣ (илоҳиётӣ) ва нақли қавли манобеи диниро истифода набаред. Дастурҳои диниро ҳар кас ҳар гуна шарҳу тафсир мекунад.
2. Талош кунед, тавассути истифодаи манбаҳое, ки барои ҳалли мушкилот дидгоҳҳои муосир доранд ва ҳалли муаммоҳоро бо усулҳои пешин пешниҳод намекунанд, дар маводи худ тавозунро таъмин намоед.

23 Намуна аз расонаҳои маҳаллӣ, ки ҳангоми мониторинги расонаҳо пайдо шуд.

3.2. Ҳангоми инъикоси мавзӯҳои динӣ аз истифодаи «забони душманона» чӣ гуна бояд парҳез кард?

3.2.1. Падидаи «забони душманона»

Пеш аз он ки ин дилеммаро ҳал намоем, шумо бояд худро бисанҷед ва ба чаҳор суол посух диҳед:

1. **Забони душманона** чист?
2. Чӣ гуна дар матнҳо, нақли қавлҳо, муҳтавои визуалӣ **шаклҳои манфии забони душманонаеро** шиносоӣ кард, ки нашрашон аз нуқтаи назари озодии баён қобили қабул аст? Ва ҳам **шаклҳои ғайриқонунии ин забонро,** ки боиси оқибатҳои таъқиби қонунӣ мешавад, чӣ гуна бояд фарқ кард?
3. Чаро қисме аз забони душманона ҳамчун **озодии баён** баҳо дода мешавад?
4. **Чӣ гуна бояд ин 2 шакли** забони душманонаро аз ҳам ҷудо кард? Ва чӣ гуна бояд аз нохудогоҳ истифода бурдани шакли ғайриқонунии забони душманона парҳез намуд, ки мумкин аст, боиси барангехтани адоват гардад?

ЗАБОНИ ДУШМАНОНА

(англ. hate speech, синонимҳояш: забони нафратангез / лаҳни таҳаммулнопазирона / баёни табъйизомез) – ин шаклҳои мухталифи изҳори нуқтаи назар аст, ки ба гуфтумонҳои манфӣ рабт дорад.



Ин шаклҳои изҳори назар таҳаммулнопазириро бармеангезад, густариш медиҳанд ва ё бадбиниро нисбати дигарон эҷод мекунанд ва дар бархе ҳолат нисбати гурӯҳҳои қавмӣ, нажодӣ, динӣ, ҷинсӣ, иҷтимоӣ хушунат ва табъйизро ба бор меоранд.

Метавонанд дар чунин шаклҳо ифода шаванд:

- Матни расонаҳо.
- Нақли қавлҳо.
- Муҳтавои аудиовизуалӣ.
- Расмҳо, демотиваторҳо, мемҳо.

ПАДИДАИ ЗАБОНИ ДУШМАНОНА АЗ ЧӢ ИБОРАТ АСТ?

Забони душманона – сохтори инъитофпазир (гибкий) дошта, вижагиаш он аст, ки бо озодии баён рабт дорад.

Забони душманона – хусусияти баҳодиҳии манфӣ дошта, (қобили истифода аст), аммо барои бархе таҳқиромез, тавҳиномез ва мухолифи қонун унвон мешавад.

Забони душманона – вобаста ба контекст (матн) ва дигар омилҳо метавонад, шаклашро тағйир диҳад.

Миёни забони душманона ва озодии баён хат ё марзи нозуке мавҷуд аст, ки набояд ба иштибоҳ роҳ дод!

Биёед, дар оғоз ба сайри кӯтоҳи ҳуқуқӣ мебароем, то ин ки ба ин суолҳо чанд посух пайдо кунем. Маҳз чанд посух, зеро забони душманона дорои сохтори инъитофпазир (гибкий) буда, имкон медиҳад, ки онро дар чанд шакл, чанд давра ва чанд контекст (матн, қарина) ё замина тақсим кард.

ОЗОДИИ ИЗҲОРИ АҚИДА VS ЗАБОНИ ДУШМАНОНА

Хат ё марзи нозук байни забони душманона ва озодии изҳори ақида маҳз дар ҳамин ҷо нуҳуфта аст, ки солҳои зиёде дар саросари ҷаҳон дар бораи он баҳсҳо сурат мегиранд.

Хусуси забони душманона он аст, ки бевостиа ба **озодии изҳори ақида,** ҳуқуқҳои конституцион̄ва олии инсон рабт дорад. Аз ҳамин хотир, рӯзноманигори касб̄, махсусан ҳангоми инъикоси масоили ҳассосу душвор, аз ҷумла масоили марбут ба дину мазҳаб, ҳамеша дар ҷустуҷӯи марзи нозуки байни ин ду падида аст, то ин ки ҳадди аксари иттилои бетарафонаро, бо такя ба меъёрҳои ахлоқ̄, ба аудиторияаш расонад.

ОЗОДИИ АҚИДА

– ин ҳуқуқ ба доштани ақидаи шахс̄, озодона ҷустуҷӯ, дарёфт ва паҳнсозии иттилоъ ва ақидаҳои гуногун дар шакли шифоҳ̄, хатт̄ ё тавассути нашр, ё расмҳо ва ё шаклҳои дигар, сарфи назар аз марзҳои давлат̄, номида мешавад[24]. (Паймони байналхалқ̄ дар бораи ҳуқуқҳои шаҳрванд̄ ва сиёс̄)



24 Паймони байналхалқ̄ дар бораи ҳуқуқҳои шаҳрванд̄ ва сиёс̄, Қатъномаи 2200 А (XXI) Маҷмаи умумии СММ аз 16 декабри соли 1996: *https://www.un.org/ru/documents/decl_conv/conventions/pactpol.shtml*

БАҲОДИҲИИ МАНФИИ ЗАБОНИ ДУШМАНОНА

Ин шакли **забони душманона** асосан аз сӯи муаллифон бидуни ҳадафи мушаххасе паҳн мешавад ва дар қолабу ибораҳои таҳқиркунанда ифода меёбад. Ин навъи баёну гуфтор дар зеҳни муаллиф бар асари таъсири муҳити атроф ва пешдовариҳои шахсии худ шакл мегирад.

Истилоҳи «**забони душманона**» дар қонунгузориҳои ҳеч кадоме аз кишварҳои Осиёи Марказӣ зикр нашудааст. Аммо стандартҳои байналхалқии рӯзноманигорӣ тавсия медиҳанд, ки ба хотири пешгирӣ кардан аз густариши таҳаммулнопазирӣ, аз истифодаи «**забони душманона**» бояд худдорӣ кард. Дар ин бора дар кодексҳои мухталифи байналхалқӣ ва ахлоқи нави шабакавӣ низ борҳо зикр шудааст.[25]

Падидаи «**забони душманона**» дар он хулоса мешавад, ки бахши бештари он ҳамчун озодии баён қабул шуда, баҳодиҳии манфиро дар бар мегирад, ки нашраш мамнуъ нест.

Забони душманона дар матнҳо ва услуби классикӣ дар бештари вақт дар шакли **қолабҳо (– қазоват кардани намояндагони як гурӯҳ аз диди гурӯҳи дигар. Қолабҳо ё стереотипҳо пешфарзҳоро ба вуҷуд меоранд, пешрафзҳо дар навбати худ – забону баёни бадбинона ё душманонаро дар ҷомеа пароканда мекунанд[26])** ва ё ифодаҳои таҳқиркунанда (– изҳори назари қолабӣ, ки аз мафҳумҳо ва калимаҳои дар муҳити забонии хосе шакл гирифтаанд. Онҳо малоловар, ранҷонанда буда, бо мурури замон бархеашон беаҳамият мешаванд, аммо ибораҳои нав ҷойи онҳоро мегиранд) ифода меёбад.

Яъне, риторика ё лафзи таҳаммулнопазирона ва табъйизомез аз он замоне шурӯъ мешавад, ки мо дар гузоришҳоямон одамонро ба гурӯҳҳо (мо ва дигарон) ҷудо карда, аз гурӯҳе ҷонибдорӣ мекунем ва мавқеи гурӯҳи муқобил ё мухолифи худро шарҳу тафсир диҳем.

25 CODE OF CONDUCT ON COUNTERING ILLEGAL HATE SPEECH ONLINE, *https://ec.europa.eu/info/sites/info/files/code_of_conduct_on_countering_illegal_hate_speech_online_en.pdf*

26 Шарҳи муаллиф

Бештари одамон, рӯзноманигорон, ин гуна ҷудосозӣ ва ҷонибдориро бидуни фикр кардан, андеша кардан аз оқибати амали худ анҷом медиҳанд. Густариши забони душманона, ки аз қолабҳо иборат аст, як ҷанбаи дигар дорад – муҳите, ки инсон дар он тарбия ёфта, зиндагӣ мекунад. Агар дар атрофи шумо ҳама дар бораи он ҳарф зананд, ки «ақидаҳои тундгароёна миёни варзишкороне паҳн мешавад, ки майл ба хушунат доранд[27]» ва ё «занони сатрпӯш – заиф ва беҳуқуқ ҳастанд», оҳиста-оҳиста шумо низ ба ин қолабҳо, назарҳо одат ва ҳамин гуна фикр мекунеду изҳори назар менамоед. Ва ҳарчанд ин тарзи фикр кардан мухолифи қонун ба ҳисоб намеравад, вале дар контексти иҷтимоиву сиёсӣ метавонад, боиси оқибатҳои нохуб шавад ва ҳатто хушунатро ба бор оварад.

Барои мисол, дар кишвар ташаббусеро баррасӣ мекунанд, ки ҳадафаш маҳдудсозии ҳаққу ҳуқуқи гурӯҳи мушаххаси инсонҳо аст. Ин ташаббус метавонад, манъи ба намоиш гузоштани нишонаҳо ва ё либоси мазҳабии гурӯҳи хосе бошад.

Ташаббуси мазкур метавонад таваҷҷуҳро нисбати он гурӯҳ бештар кунад ва муаррифии гурӯҳи мавриди назар дар маводи расонаҳо бо илова кардани қолабҳо ва пешфарзияҳо сурат гирад, ки дар натиҷа бадбинӣ нисбати гурӯҳи мазкур бештар хоҳад шуд.

Ба ин тартиб, аз гурӯҳи мазкур образи манфӣ сохта мешавад. Салоҳи кор ин аст, ки аз истифодаи стереотипҳо ё қолабҳои табъйизовар парҳез кард ва онҳоро дар маводи худ иқтибос наовард.

ЗАБОНИ ДУШМАНОНАИ ҒАЙРИҚОНУНӢ

- ин навъ ё шакли матнӣ, садоӣ ва ё аудиовизуалии изҳори назар ва ақидаест, ки табъйизовар буда, нисбати гурӯҳе ошкоро ба хушунат, барангехтани хусумат ва душманӣ даъват мекунад. Бештари вақт чунин забону баён дар расонаҳои онлайнӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ паҳн мешавад ва дар ниҳоят бо тасмими ширкатҳои назораткунандаи муҳтавои Интернет пок карда мешаванд.

27 Изҳори назари қолабие, ки дар зеҳни мардум реша давонидааст ва дар бештари маврид онро расонаҳо паҳн мекунанд. Шарҳи муаллиф.

Данный социально-политический климат обостряет внимание к целевым группам, и описание их в статьях с помощью клише и стереотипов лишь подстрекает враждебность к ним.

Таким образом создается негативный образ группы. **Желательно избегать дискриминационных стереотипов и клише и не цитировать их в своих материалах.**

ЗАБОНИ ДУШМАНОНАИ ҒАЙРИҚОНУНӢ

Дар таҷрибаи ҷаҳонӣ навъ ё шакли зиддиқонунии «забони душманона», аз рӯи тақсимбандӣ, ба қонунгузории зидди табъийз шомил шудааст. Ин мафҳум дар қонунгузории байналхалқӣ ҳамчун даъвати оммавӣ ба бадбинӣ (англ. incitement of hatred) шарҳ дода шудааст. Мафҳуми мазкур дар асоси терминалогияи ҳуқуқи байналхалқӣ шакл гирифта, шарҳу баёни бедоркунанда, таҳрикдиҳандаи аъмоли хатарнокеро ҷиної унвон мекунад, ки боиси оқибатҳои ҷиддӣ мешаванд.

Аз ҳамин хотир рӯзноманигорон бояд тасаввури дақиқ дошта бошанд, **ки забони душманонаи ғайриқонунӣ** чист ва **баҳодиҳии манфии душманона** аз нуқтаи назари озодии баён **муҷоз, мумкин** кадом аст.

Дар қонунгузории кишварҳои Осиёи Марказӣ чандин моддае мавҷуд аст, ки барои навъҳои мушаххаси «барангехтан ё таблиғи бадбиниву душманӣ дар мазҳари ом ва ё тавассути расонаҳо ва Интернет» ҷавобгарӣ пешбинӣ кардааст. (Ба боби 2 мурочиат кунед.)

Дар таҷрибаи ҳуқуқӣ ҳолатҳое кам нестанд, ки рӯзноманигорони Осиёи Марказӣ бо айбномаҳои «барангехтани бадбинӣ ё душманӣ» рӯ ба рӯ мешаванд. Бештари вақт ин гуна айбномаҳо ҳангоми нақли қавл кардан, изҳори назар намудан ва ё паҳн сохтани образҳои визуалӣ нисбати рӯзноманигорон эълом мешаванд.

ЗАБОНИ ДУШМАНОНАИ ҒАЙРИҚОНУНӢ

- ин навъ ё шакли матнӣ, садоӣ ва ё аудиовизуалии изҳори назар ва ақидаест, ки табъйизовар буда, нисбати гурӯҳе ошкоро ба хушунат, барангехтани хусумат ва душманӣ даъват мекунад. Бештари вақт чунин забону баён дар расонаҳои онлайнӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ паҳн мешавад ва дар ниҳоят бо тасмими ширкатҳои назораткунандаи муҳтавои Интернет пок карда мешаванд.

ЗАБОНИ БАҲОДИҲИИ МАНФИИ ДУШМАНОНАРО АЗ ЗАБОНИ ДУШМАНОНАИ ҒАЙРИҚОНУНӢ ЧӢ ГУНА БОЯД ФАРҚ КАРД?

МАНФИБАҲОДИҲАНДА

- маҳкумкунанда, танқидӣ, аламовар;
- сифат ва рафтори одамонро баҳои манфӣ медиҳад;
- чизеро танқид ва ё маҳкум мекунад;
- нуқтаи назари нодуруст ва ё ғалат дорад,

гуфтору баёни номақбул дорад, ки метавонад, объективӣ бошад, ё қолабу клише;

- дорои фарзияҳои ҳадафмандона нисбати гурӯҳҳои мушаххас аст.

ҒАЙРИҚОНУНӢ

- сохтори водоркунанда ва даъваткунандаи ошкоро ба зӯроварӣ нисбати гурӯҳи нажодӣ, қавмӣ, мазҳабӣ ва ақаллиятеро дорад;
- ҳатмӣ будани ин амалҳоро асоснок мекунад;
-т актикаи чунин амалҳоро сафед мекунад, бартарӣ медиҳад
-сифатҳо ва рамзу нишонаҳои мамнуъро ошкоро ба намоиш мегузорад;
-ба иқдомҳои пешниҳодшуда шарҳу тасири дақиқ медиҳад;
-вазъи иҷтимоиву сиёсии ин масъала муташанниҷ ва ҳассос аст.

3.2.2. Чӣ гуна ба паҳнкунандаи «забони душманона» набояд табдил шуд?

ТАВАҶҶӮҲ НАМОЕД!

- Аз нуқтаи назари стандартҳои рӯзноманигории байналхалқӣ, агар дар нигоҳи аввал дар изҳори назарҳо, нақли қавлҳо/маводи аудиовизуалӣ (ки дорои клишеҳо ва қолабҳои баҳодиҳанда нисбати нажоде, қавме, дине, гуруҳи иҷтимоие мебошанд), сохтори забонии бедоркунанда, даъвати ошкоро ба озордиҳии гуруҳе мавҷуд набошад ва аудиторияе, ки мавод ба онҳо нигаронида шудааст, нисбати мавзуи инъикосшаванда ҳассос набошанд - пас ин гуна муҳтаво ё мавод забони баҳодиҳии манфии душманона ҳисобида мешавад ва табиатан хилофи қонун нест.

Барои мисол ин қисмати нақли қавлҳои зер:

> *«дар дарозои таърих масеҳиён одамонро дар хун ғарқа карда, дар дегҳо меҷӯшониданд...»*
>
> *ва ё*
>
> *«ин мусалмонони ситамгар дини худро ҳамеша бо оташу шамшер паҳн мекарданд»*[28]

28 «Свобода выражения и лексика нетерпимости в Интернете», Мактаби сулҳофаринӣ ва технологияи иттилоотии ОМ: *http://www.ca-mediators.net/ru/obrazovanie_i_treningi/257-svoboda-vyrazheniya-i-leksika-neterpimosti-internete.html*

- Агар дар назарҳо, нақли қавлҳои мақола ва ё маводи аудиовизуалии шумо чунин мафҳумҳои даъваткунандае амсоли: «бизанед», «оташ занед», «бикушед» бо шарҳи мушаххаси ин амалҳо ва асосноксозии онҳо, инчунин ибораҳое амсоли «хуб мебуд агар», «зарур аст, ки», «талаб карда мешавад, ки», «бояд» ва ишораи мушаххас ба объекте (на умумигӯӣ, балки мушаххас ишора кардан) мавҷуд бошад – ин гуна муҳтаво мумкин аст, ҳамчун муҳтавои ғайриқонунӣ баҳо дода шавад.

  Аз ҳамин хотир, ҳангоми зарурати нақли қавл кардан аз ин гуна ибораву мафҳумҳо, метавон онҳоро бо ибораву мафҳумҳои дигаре иваз кард, ки муҳтавои бадбинона ва душманона ва пайомади қонунӣ надошта бошанд

- Агар дар изҳори назарҳо, нақли қавлҳои мақолаҳо ва ё маводи аудиовизуалии шумо баҳодиҳии мусбат нисбати амалҳои содиршуда мавҷуд бошад, онҳоро мақбул баҳо дода бошед, тарзи анҷоми он амалҳоро дуруст ҳисобед, баҳодиҳии мусбати касоне, ки амалҳои дигаронро манфӣ баҳо медиҳанд, мавҷуд бошад – пас ин муҳтавои офаридаи шумо ҳамчун муҳтавои ғайриқонунӣ дониста мешавад.

  Барои мисол, дар нақли ҷавли поёне, ки мо бо ҳадафи омӯзиш, манзури шумо мегардонем:

> *«Ҳақ ба ҷониби намояндагони ҳаракати динии мазкур (ном бурдани ҳаракате, ки дар кишвари шумо мамнуъ эълом шудааст), аст. Онҳо маҷбур буданд, ки идеологияи худро бо роҳи қатли бединон ва зиддидинон паҳн созанд, зеро он идеология мутобиқи талаботи қонунҳои шариат аст.*
>
> *«Гитлер ҳақ буд. Вай маҷбур буд, ки ин корро анҷом диҳад ва поксозии нажодиро тавассути қатли халқҳои дигар роҳандозӣ кунад».*

ДАР ЁД ДОШТА БОШЕД:

Забони душманона дар фарҳангҳо ва ҷомеаҳои мухталиф дар шаклҳои гуногун мавҷуд аст ва аз ҷониби аудитория ба шеваҳои гуногун қабул мешавад. Биёед, намунаи маъруферо аз таҷрибаи расонаҳои ҷаҳонӣ мисол орем.

Баъди ҳамла ба идораи маҷаллаи фаронсавии «Шарли Эбдо» соли 2015 дар Порис, ки карикатураҳои пайғамбар Муҳаммад (с)-ро нашр кард, дар ҷомеаи рӯзноманигорӣ шарҳу баррасиҳои зиёде сурат гирифт. Ва маҳз ҳамин ҳодиса тафовут доштани қабули муҳтавои расонаҳоро аз ҷониби аудиторияҳои гуногун нишон дод. Яъне, як муҳтаво, як асар, як мақола, як маводи аудиовизуалиро чанд аудитория ба чанд маънӣ дарк ва қабул мекунад.

Дар Фаронса ин гуна муҳтаво табъйизомез ба ҳисоб намеравад, танҳо сатира ё танз қабул мешавад. Аммо дар кишварҳое, ки шумори мусалмонҳо онҷо бештар аст, чунин карикатураҳо ҳассосиятро ба бор меоранд ва манъ мебошанд.

То кунун дар майдони расонаҳо баҳсҳо хомӯш намешавад, ки ин чӣ буд: озодии баён ваё забони душманона нисбати гурӯҳи диндорон?

Баъди нуҳ моҳи ҳодисаи ҳамлаи террористон ба идораи расона, карикатуристони маҷаллаи «Шарли Эбдо» ба мушкилии дигар мувоҷеҳ шуданд: маҷалла барои нашри тасвирҳо дар мавзӯи Ойлони Курдӣ, ки дар соҳили сайёҳии Туркия беҷон пайдо шуда буд, ба «барангехтани бадбинӣ» айбдор гардид.

Пешниҳод шуд, ки карикатуранависон «барои ҷиноятi барангезандаи бадбинӣ» ба ҷавобгарӣ ҷалб шавад. Питер Герберт, раиси Ҷамъияти ҳуқуқшиносони сиёҳпӯст он замон гуфта буд, ки ҷамъияти онҳо мавзӯи ба Додгоҳи байналхалқии ҷиноӣ дар Аврупо кашидани маҷалларо баррасӣ дорад.

Надпись на карикатуре Charlie Hebdo слева гласит: «Христиане ходят по воде, а мусульманские дети тонут».

Надпись на карикатуре справа гласит: «Так близко к цели» и реклама ресторана с надписью: «Два детских меню по цене одного»

Албатта, мешавад, тахмин кард, як қисми аудитория карикатураеро, ки дар он забони душманона истифода шуда, кӯдаки чаҳорсолаи беҷонро мавриди таҳқир қарор додааст, ҳамчун ҳазли бад баҳо медиҳад – аммо возеҳ аст, ки ин карикатура маънии ҳамла ба гурӯҳе аз диндоронро надорад ва ба ҳеч вақҳ бадбиниро таблиғ намекунад.

Одамони дигар умуман ҳеч маъниеро дар ин карикатура надида, лаҳни онро забони душманонаи қобили қабул баҳо доданд, ки дар асарҳои сатира ё танз зиёд истифода мешавад. Чунин навъи тафовути дидгоҳҳо аз ҳам фарқ доштани дарк ва қабули як асар, як маводро ошкоро ба намоиш мегузорад.

ДАР ЧУНИН ҲОЛАТ Чӣ ГУНА БОЯД РАФТОР КАРД?

Шумо бояд имкониятҳои истифодаи чунин муҳтаворо дар маводҳоятон аз нуқтаи назари қонунгузорӣ баҳо диҳед, на аз нуқтаи назари стандартҳои афкори иҷтимоӣ.

Таҳлилҳо[29] нишон медиҳанд, ки дар афкори иҷтимоӣ бештари вақт БАҲОДИҲИИ ИНТИҚОДӣ ва ҲАЗМ ё ТАҲЛИЛИ ИТТИЛООТ ва МАНБАИ ИТТИЛОЪ намерасад.

Аз ҳамин хотир идора кардан ё ба ихтиёр даровардани афкори иҷтимоӣ, қобили қабул ҷилва додани навъҳои мухталифи сензура, хеле осон аст.

Рӯзноманигорони бомасъулият ва касбӣ бояд инро хуб дарк кунанд ва ҳама гуна мавзуи ҳассосро бо шарҳу баёни хуб, дар доираи меъёрҳои ахлоқӣ ба аудитория расонанд. Аммо ин набояд ба ҳеч вақҳ шуморо ба истифодаи худсензурӣ водор кунад ва садди роҳи расонидани далелҳои объективӣ шавад.

ДАР ЁД ДОШТА БОШЕД:

паҳн кардани навъи забони баҳодиҳии манфии душманона – ин қонуншиканиии ҷиноӣ нест ва танҳо ба хотири он ки назаре ё дидгоҳе ба касе писанд нест, набояд муаллиф ба зиндон фиристода шавад.

29 Ҳисоботи таҳлилӣ ва ёддоштҳо дар бораи озодии баён ва забони душманона, Мактаби сулҳофаринӣ ва технологияи расонаҳо дар ОМ: *http://www.ca-mediators.net/ru/issledovaniya/media-monitoring/*

8 ТАВСИЯ БАРОИ ХУДТАНЗИМСОЗӢ ВА ПАРҲЕЗ АЗ ЗАБОНИ ДУШМАНОНА

Ба хотири пешгирӣ аз нохудогоҳ истифода бурдани шакли забони душманона дар мавод шумо бояд:

1 фарқияти байни озодии баён ва забони душманонаи ғайриқонуниро дарк намоед;

2 қонунгузории кишварро дар ин самт биомӯзед, то дар лаҳзаҳои зарурӣ ғофилгир нашавед;

3 Луғати шарҳу тафсири мафҳумҳои мавзӯъҳои ҳассосро ҳам барои худ ва ҳам барои идора тартиб диҳед ва мудовим онро такмил созед;

4 ҷузъиёти нолозимро дар мавриди муаррифии гурӯҳҳои мухталиф аз гузориши худ пок созед, то ин ки дар зеҳни аудитория нисбати онҳо бардошт ва хулосаи бад ҳосил нашавад;

5 ба ҳисоб гиред, ки маводи шумо барои кадом гурӯҳе аз хонандагон таҳия мешавад;

6 дар истифодаи ибораҳои танзомезе, ки ба дин, нажод, қавм, гурӯҳи иҷтимоии қаҳрамонони шумо дахл доранд, эҳтиёт бошед;

7 ба ҳиссиёт ё гувоҳии қалби худ эътимод кунед: агар фикр мекунед, ки ин ё он нақли қавл ё ибораи тасвирсозандае, ки шумо мехоҳед, қаҳрамонатонро бо он муаррифӣ кунед, бадбинона ва саршор аз хусумат аст, пас онро истифода набаред;

8 маводи худро пеш аз нашр аз озмоиш гузаронед.

УСУЛИ ОЗМОИШИ МАВОД ПЕШ АЗ НАШР БО МЕТОДИ НАЗОРАТИ ФАВРӢ[30]

Ба худ чанд суол диҳед, маводро таҳлил намоед ва танҳо баъди ин метавонед, онро нашр кунед. Ин усул имкон медиҳад, ки аз паҳншавии забони душманона пешгирӣ карда шавад ва инчунин шуморо муттаҳам нахоҳанд кард, ки онро густариш медиҳед.

1 МАВҚЕЪ ВА ЭЪТИБОР

МАВҚЕЪ ва **ЭЪТИБОРИ** касеро омӯзед, ки мехоҳед, аз вай нақли қавл намоед ва ё дар борааш менависед. Ҳама гуна даъво ва далелҳоеро, ки нисбати гурӯҳи дигар баён мешаванд, бояд санҷид.

Эҳтимол дорад, мусоҳиб, ҳамсуҳбати шумо ё нафари дар минбар суханкунанда касе аст, ки таҷрибаи зиёди идора кардани афкори оммаро дорад. Ва маҳз шумову расонаатонро вай барои ташаккул додани қолабҳои манфӣ ё баён доштани айбномаҳои беасос, тавассути забони душманона, истифода бурдан мехоҳад. Ин гуна лаҳнҳои таҳрикдиҳанда набояд дар расонаҳо инъикос шаванд.

2 МУҲТАВО ВА ШАКЛҲОИ МАТНИВУ ВИЗУАЛӢ

Бисёре аз суханкунандаҳо, пурсидашавандаҳо, сиёсатмадорон ақидаҳои манфӣ, идеяҳои манфӣ доранд ва ҷиноят нахоҳад буд, агар онҳоро паҳн кунанд. Вале бояд шумо дар хотир дошта бошед, ки дар бархе ҳолат изҳори

30 Методи назорати фаврӣ, аз сӯи Мактаби сулҳофаринӣ ва технологияҳои расонаӣ дар ОМ таҳия шудааст: *http://www.ca-mediators.net/kg/1189-makalany-zharyyaloo-aldynda-ykcham-tesher-ykmalary.html*

назарҳо, агар дигаронро ба хушунат даъват кунанд, боиси вайрониҳо мешаванд. Муҳтавои матни худро бисанҷед, ки оё қолабҳои таҳқиркунанда нисбати гурӯҳҳои динӣ, қавмӣ, нажодӣ, иҷтимоӣ дорад ё на. Агар шумо фикр мекунед, ки нақли қавле эҳсоси кадом гурӯҳеро таҳқир мекунад, пас ҳатман чунин аст. Фикр кунед, оё он нақли қавл арзиши паҳн карданро дорад? Ва ё беҳтар аст, онро бо ибораҳои дигар иваз кард.

3 ҲАДАФИ ИЗҲОРИ НАЗАР ВА Ё НАҚЛИ ҚАВЛҲО

Ҳангоме, ки шумо гузориш омода мекунед, ба вижа дар мавзӯъҳои ҳассос, дар бораи гурӯҳҳои гуногун ва ё аз мусоҳибоне нақли қавл менамоед, ки дар истифодаи забони душманона «маҳорат» доранд, ба он таваҷҷуҳ намоед, ки ҳамлаи лафзӣ **ба кӣ** равона шудааст? Эҳтимол, мусоҳиби шумо бо истифода аз расонаи шумо лаҳни табъйизомезро паҳн мекунад? Рӯзноманигорони аз ҷиҳати ахлоқӣ соҳиби фаҳму дарк, метавонанд, фавран ташхис диҳанд, ки оё ин навъи гуфтор ҳадафмандона аст ё на.

ВАЗЪИ КУНУНИИ ИҶТИМОӢ ВА СИЁСӢ 4

Вазъи иҷтимоиву сиёсие, ки шумо дар он маводи худро таҳия мекунед, низ ба шумо талқин мекунад, ки ифодаҳо, қолабҳо ва баҳои манфии дар маводи шумо ҷойдошта то кадом андоза барои аудиторя хатарнок аст. Барои мисол, агар ҳатто забони душманонаи қобили қабулро нисбати гурӯҳи осебпазир истифода кунед, метавонад, оқибати нохуб ба бор орад.

5 ДОИРАИ АУДИТОРИЯ ВА ПАҲНШАВИИ МАВОДИ ШУМО

Таҳлил намоед, ки маводи шумо кадом аудиторияро фаро мегирад, хонандаи эҳтимолии маводи шумо ва расонаатон кист? Мавзӯи баррасишаванда то кадом андоза ба хонанда ва бинанда мерасад? Шумо то чӣ ҳад дар муҳити рӯзноманигорӣ маъруф ҳастед? Рӯзноманигорони касбӣ медонанд, ки аудитория ва дарк кардани мавод аз сӯи хонандагон муҳимтар аз маъруфияти кӯтоҳмуддат аст. Оқибатҳои эҳтимолии маводи худро дар назар дошта бошед.

АММО:

Ҳамеша худро аз сензура дур нигоҳ доред ва барои рушди гуногунандешӣ саҳм гузоред, зеро он имконияти пешгирӣ аз таблиғотро фароҳам меорад ва худ ба худ оқибатҳои забони душманонаро коҳиш медиҳад.



4 ТАФСИРИ МАФҲУМҲОЕ, КИ ҲАНГОМИ ИНЪИКОСИ МАВЗӮИ ДИНӢ ИСТИФОДА МЕШАВАНД

4.1. Луғати мафҳумҳои «зиёновар»

Истифодаи мафҳумҳои зерин ҳангоми таҳияи маводи иттилоотӣ дар мавзӯъҳои динӣ ва созмонҳои дурӯғини динӣ тавсия дода намешавад

«Арабисозии кишвар»

- қолаб ё барчаспи манфӣ дар расонаҳои Қирғизистон дар давраи маъракаи пешазинтихоботии президентӣ дар соли 2017 баъди он пайдо шуд, ки баҳси сармояи кишварҳои арабӣ ва саҳми онҳо дар рушди бахши иқтисодиёти Қирғизистон гарм шуд. Оҳанги манфии ин қолаб ё барчасп дар маводи рӯзноманигорон одатан ҳангоми муқоисаи ҷараёнҳои муътадили динӣ, ки дар кишварҳои Осиёи Марказӣ аз он онҳо пайравӣ мекунанд ва ҷараёнҳои тундгароёнаи динӣ, ки Арабистони Саудӣ – пайрави ваҳҳобия – аз ҷумла онҳост, пайдо мешавад.

Тавсия:

аз истифодаи ин қолаби манфӣ худдорӣ намоед. Дар сурати пайдо шудани зарурат барои шарҳи таъсиррасонии равандҳои кишварҳои арабӣ муҳтаворо дақиқ ва мушаххас, бо забони саҳеҳ фаҳмонед. Дар иқтибоси суханон ва нутқҳои айнаннақлшудаи мусоҳибон ин қолабро метавон боқӣ гузошт, зеро он ба шакли нарми забони душманона рабт дорад. Дар сурате, ки агар ин қолаб ё барчасп ба вазъи мушаххаси иҷтимой-сиёсӣ рабт дошта бошад, талаб карда мешавад, ки муҳтавои он ба шакли нармтар ба аудитория расонида шавад.

«Ҷиҳод»

- ин мафҳум дар аксари маврид бе мавқеъ истифода мешавад ва дар мавзӯъҳои марбут ба экстремизму терроризм ҷо дода мешавад. Дар дин мафҳуми «ҷиҳод» маънои «талош», мубориза бо хоҳишҳои нафсонӣ, мубориза дар роҳи дин ва ғайраро дорад. Истифодаи нодурусти ин мафҳум дар зеҳни аудитория «муҷоҳиди ҷангҷӯ»-ро бедор мекунад. Мафҳуми мазкур дар ВАО реша давонидааст, ки ҳар гоҳ расонаҳо амалҳои низомии созмонҳои мамнуъро шарҳ медиҳанд ва ё аз идеологияи онҳо ёд мекунанд, ҳатман зикр мекунанд, ки ин идеологияи «ҷиҳодӣ» аст. Чунин мавзеъгирӣ бархӯрди носолим нисбати дини ислом ва ба ҳамаи одату анъанаҳои марбут ба онро ба бор меорад.

Тавсия:

Ба ҷуз аз мақолаҳои таърихӣ дар мавзӯи қонунҳои асосии ислом, дар дигар ҳолатҳо аз истифодаи ин мафҳум худдорӣ намоед. Дар сурати инъикоси масоили экстремизму терроризм ва дар ҳолатҳои зарурӣ тавсия дода мешавад, ки аз ибораҳои дигар истифода баред.

«Исломиҳо»

- мафҳуми мазкур ҳангоми сиёсисозии ислом ва ёдоварӣ аз гурӯҳҳои дурӯғини динӣ (экстремистӣ, террористӣ) истифода мешавад.

Тавсия:

агар дар мавод сухан аз фаъолони муътадили динӣ (исломӣ) равад, пас бояд «фаъолони динӣ», «фаъолони исломӣ» ва ё «мусалмонҳои фаъол» навишт, на «фаъолони исломгаро».

«Давлати исломӣ»

- номи ҷоуфтодаи созмони тундрав ва террористии ДОИШ, ДИИШ аст, ки дар аксари кишварҳои дунё мамнуъ шудааст. Стратегҳои созмони мазкур чунин номро ба он хотир интихоб карданд, то ба мардум талқин намоянд, ки дар кучое аз дунё «хилофати боадолат бо қонунҳои исломӣ» мавҷуд аст. Истифодаи ин ибора дар расонаҳо дар зеҳни мардум нохудогоҳ андешаи қонунӣ будани созмони мамнуъро бедор мекунад. Зеро дар ин ибора «давлат» зикр мешавад.

Тавсия:

аз истифодаи ин ибора худдорӣ кунед. Ҳангоми зарурат бояд чунин навишт: гурӯҳи тундгаро ва террористии ДИ ва ДИ бо зикри ин ки фаъолияти он мамнуъ аст.

«Маргталабон, шаҳидон»

- дар ВАО-и дунявӣ ин мафҳум ҳамчун барчаспи духӯра, думаъноӣ истифода мешавад. Бештари вақт рӯзноманигорон онро ба он хотир истифода мекунанд, ки ба маводашон ҳангома, обу ранг изофа намоянд. Мафҳуми мазкур дар Қуръон дар ҷойҳое зикр мешавад, ки масоили дигар шарҳ дода шудааст. Вақте ин масоил дар гузоришҳои расонаҳо зикр мешавад, аудитория нохудогоҳ дар симои диндорон душмани худро мебинад.

Тавсия:

истифодаи ин мафҳум ҳангоми зарурат барои шарҳи амалҳои террористие иҷозат дода мешавад, ки аз сӯи намояндагони созмонҳои мамнуи тундгаро ва террористӣ содир шудааст.

«Фанатик»

- ё мутаассибон пайравони хунгарми дидгоҳҳои шахсии худ ҳастанд, ки барои талқини дидгоҳҳояшон ба атрофиён аз ҳад зиёд фаъоланд.

Тавсия:

бо назардошти сермаъно будани ин мафҳум, тавсия дода мешавад, ки аз истифодаи он худдорӣ кунед. (Барои касе шояд таассуб варзидан бошад, барои каси дигар пайравї кардан аз боварҳои дарунии худ аст).

«Секта»

- (фирқа) фаъолияташ дорои ангезаи динӣ буда, хосияти зараррасонӣ ҳам ба шахсият ва ҳам ба ҷомеаро дорад, муқобили қонун баромада, ба давлат хатар мерасонад ва фаъолияти созандагиву ободкорӣ надорад. Фаъолияти чунин иттиҳодияҳо бо фарҳанги анъанавии миллӣ, меъёрҳои иҷтимоӣ ва манфиатҳои шахрвандон муқобил аст. Хушунати пӯшидаи равониро ба шуур ва рафтори аъзояш раво мебинад, ки муқобили принсипҳои ахлоқӣ аст; ба ҳаёт ва саломатии инсонҳо хатар эҷод мекунад.

Тавсия:

ба далели ин ки ба созиш кардан бо таълимоти нави динӣ муттаҳам нашавед, тавсия дода мешавад, ки ин барчасп ё клишеро ба «иттиҳодияи харобиовари динӣ» иваз карда, ҳамчунин фаъолияти ин гуна иттиҳодияҳоро «фаъолияти харобиовари динӣ» ном баред.

«Бехудо»

- касе, ки мавҷудияти Худоро рад мекунад. Ҳангоми тасвири амале истифода мешавад, ки мухолифи боварҳои маънавӣ ва боварҳои асосии динӣ аст.

Тавсия:

истифодаи он тавсия дода намешавад, зеро этимологияи ин мафҳум решаи динӣ дорад ва мулохилифи омӯзишҳои динӣ аст.

4.2. Рӯйхати мафҳумҳое, ки барои инъикоси мавзӯъҳои динӣ зарурианд

ПАЙРАВ

– ҷонибдор, пайрави таълимот.[31]

АТЕИЗМ

- (аз юнонии ἀθεότης – бехудо) – эътирофи худкифоии ҷаҳони ҳастӣ (табиат) ва пайдоиши табиии (инсонии) дин. Ба ҳамин далел мавҷудияти моварои табиӣ (неруи олӣ) -ро рад мекунад.[32]

АНГЕХТАНИ БАДБИНӢ

– зери ибораи ангехтан ва ё барангехтани адовату бадбинӣ талоши офаридани низоъ миёни шаҳрвандони гуногунимиллат, нажод, қавм, қабила, пайрави дину мазҳаб (мансубияти динӣ), гуруҳҳои иҷтимоие фаҳмида мешавад, ки омехтаи суханҳои бадбинона, зӯроварии ҷисмонӣ, нобудсозӣ ё зараррасонии амвол, ё муҳосира, бегонасозӣ, маҳдудсозии ҳаққу ҳуқуқи онҳо ва амали хушунатбор нисбати онҳо мебошад.[33]

ТАҒЙИРИ НОМ

- (аз лотинии denominatio – часпонидани номи махсус) – иттиҳодияи диние, ки дар дохили дине мавқеи махсус ва мустақилро соҳиб шудааст. Барои мисол, дар дини масеҳӣ фирқаву мазҳабҳои православӣ, католикӣ ва протестанӣ мавқеи махсус доранд.[34]

31 Тафсири мазкур дарбаргирандаи номгӯи мафҳумҳои зарурие аст, аз тафсирҳои китобҳои зерини дар Қирғизистон интишоршуда ҷамъоварӣ гардидаанд: а) «Дастури методӣ оид ба баргузории ташхиси динӣ ва мачмуии равонӣ-забоншиносии судӣ дар Ҷумҳурии Қирғистон», 2017, ҳаммуаллиф И. Сикорская: http://www.ca-mediators.net/ru/poleznye_ssylki/2377-metodicheskoe-rukovodstvo-po-provedeniyu-religiovedcheskoy-ekspertizy.html ; б) Дастури таҷрибавӣ барои расонаҳо «Аз таблиғи экстремизм чи гуна бояд парҳез кард», «Мактаби сулҳофаринӣ ва технологияи расонаҳо», зери таҳрири И. Сикорская, 2017: http://www.ca-mediators.net/ru/novye-instrumenty/3448-prezentaciya-uchebnyh-posobiy-kak-izbezhat-propagandy-eks-tremizma-v-media.html ; в) «Фарҳанги нави расонаӣ ва саводи иттилоотӣ ҳамчун огоҳӣ дар бораи тундгаро шудани ҷавонон», пажуҳиш, муаллиф И. Сикорская, 2018: http://www.ca-mediators.net/ru/novye-instrumenty/5291-novaya-mediakultura-dlya-deradikalizacii.html

32 Луғати бузурги тафсирии забони русӣ. – Нашри 1-: СПб.: Норинт С. А. Кузнетсов. 1998

33 Ҳамон ҷо.

34 Луғати мафҳумҳои асосӣ дар бахши мубориза бо терроризми байналхалқӣ ва падидаҳои дигари тундгарой: https://www.cisatc.org/1289/134/159

ДАСТКАШӢ АЗ ТУНДГАРОӢ

– раванди тағйирдиҳии дидгоҳҳои инсон, ки дигар хушунатро ҳамчун ягона роҳи расидан ба ҳадафҳои идеологӣ, динӣ ва ё сиёсӣ надонад. Дар раванди дасткашӣ аз тундгароӣ ё дерадикализатсия бархе аз одамон аз дидгоҳҳои тундгароёнаи худ даст мекашанд ва дидгоҳҳои умумиро қабул мекунанд.[35]

ТАЪСИРИ ХАРОБИОВАР

– аз лотинии destruktio – тахриб, вайронсозии сохтори муътадили чизе – пахши ошкор ва ё пинҳони ҳадафҳои яке аз ҷонибҳо ба хотири таъмини ҳадафҳои дигарон.[36]

ФАЪОЛИЯТИ ХАРОБИОВАРИ ДИНӢ

(лот. destruktio – вайронгар) – ин фаъолияти дорои ангезаи динӣ буда, хосияти зараррасонӣ ҳам ба шахсият ва ҳам ба ҷомеаро дошта, муқобили қонун баромада, ба давлат хатар мерасонад. Чунин фаъолият бо фарҳанги анъанавии миллӣ, меъёрҳои иҷтимоӣ ва манфиатҳои шаҳрвандон муқобил аст. Хушунати пӯшидаи равониро ба шуур ва рафтори аъзоёнаш раво мебинад, ки муқобили принсипҳои ахлоқӣ аст; ба ҳаёт ва саломатии инсонҳо хатар эҷод мекунад.[37]

КОНФЕССИЯ

(аз лотинии confessio –эътироф кардан) — иттиҳоди одамоне, ки дар дохили як дин ҷамъ шуда, таълимоти худ, тарзи ибодат ва сохтори мушаххаси созмонёфтаи худро доранд.[38]

ТАФАККУРИ ИНТИҚОДӢ

– талоши таҳлили рӯйдодҳо; тавони дуруст, беғаразона баҳо додани амалҳои худ, қобилияти ошкор ва мушаххас кардани иштибоҳҳои худ, ба пешниҳод ва фикрронии одамони дигар назари танқидӣ доштан.[39]

35 Иқтибос аз мавод: Смирнов М.Ю. «Ҷомеашиносии дин: Луғат». – СПб.: Нашриёти С.-Петерб. ун-та, 2011. С.92-93.

36 Маркази пажуҳиши терроризми ҷаҳонӣ: http://artsonline.monash.edu.au/gtrec/

37 Иқтибос аз мавод: Денисенко Ю. «Иртиботи харобиовар: таърифи мафҳум»: https://cyberleninka.ru/article/v/destruktivnoe-obschenie-k-opredeleniyu-ponyatiya

38 Ҳамон ҷо

39 Луғати тафсирии Ожегов: https://slovarozhegova.ru/word.php?wordid=11808

КУЛТ

(мавриди парастиш)– ин гурӯҳест, ки ба худ дахлнопазирии ҷисмонӣ, равонӣ ва ё иқтисодиву иҷтимоӣ ихтисос медиҳад ва ба ин тартиб барои ҳаққу ҳуқуқи ҷомеа ва сокинон ба як хатар табдил мешавад. Хассен С. дар китоби «Мубориза бо сектаҳо ва идора кардани шуур» («Противостояние сектам и контролю над сознанием») чаҳор навъи культ (парастиши инсонҳо)-ро мушаххас кардааст: динӣ, сиёсӣ, психотерапевтӣ ва тиҷорӣ. Ҳамчун намунаи парастиши сиёсӣ вай аз созмонҳои террористӣ, экстремистӣ ва авторитарӣ (худкома) мисол меорад, ки рақибону дигарандешони худро ба далелҳои сиёсӣ таъқиб мекунанд. Ин тоифа асосан дунёро ба «мо ва онҳо» ҷудо мекунанд.[40]

МИССИОНЕР

(мубаллиғ) – касе, ки барои таблиғоти динӣ миёни аҳолӣ фиристода мешавад.[41]

ИФРОТГАРОИИ ХУШУНАТОМЕЗ

– истифода ва пуштибонӣ кардан аз хушунат бо ҳадафи расидан ба хостаҳои идеологӣ, динӣ ва ё сиёсӣ.[42]

ПРОЗЕЛИТИЗМ (ТАҒЙИРИ ДИНУ ОИН)

– ин мафҳум ду маъно дорад.Маънии аввал, гузариши як инсонро аз як дин ба дини дигар шарҳ медиҳад. Ин фаъолияти пайравони конфессияи мушаххасест, ки мехоҳанд, одамони пайрави динҳои дигарро ба дини худ ҷалб кунанд. Маънии дувум - гузариши довталабонаи як шахс аз як дин ба дини дигарро шарҳ медиҳад. Меъёрҳои ахлоқии тамоми динҳо иҷозат намедиҳанд, ки шахсе ба иваз кардани боварҳояш маҷбур карда шавад.[43]

40 Иқтибос аз мавод: Денисенко Ю: «Худро чи гуна аз сардаргумӣ раҳонид?»: http://islam.kz/ru/articles/islam-i-nauka/raznoe/kak-zashitit-sebya-ot-sobstvennyh-za-blujdenii-chast-i-946/#gsc.tab=0

41 Иқтибос аз мавод: «Энсиклопедияи дин ва диншиносӣ» ReligioPolis. Маркази пажуҳишӣ диншиносӣ: http://www.religiopolis.org/enciklopediya.html

42 «Диншиносӣ. Луғати энсиклопедӣ» Зери таҳрири А.П. Забияко, А.Н. Красникова, Е.С. Элбакян. – М.: Академический Проект, 2006. С.639

43 Роджер Скратон, «Луғати ақидаҳои сиёсӣ», нашри 3. (Basingstoke: Palgrave Macmillan, 2007)

ФАЪОЛИЯТИ ДУРӮҒИНИ ДИНӢ

– (1) фаъолияти созмонҳои экстремистӣ и террористӣ, ки гӯё ба хотири иҷрои талаботи динӣ, ҳадафи тағйир додани сохтори конституцсионӣ ва арзишҳои демократиро доранд.(2) ин мафҳум ҳамчунин нисбати созмонҳое истифода мешавад, ки фаъолияти харобиовари динӣ анҷом медиҳанд.[44]

СӮИСТИФОДА (МАНИПУЛЯТСИЯ)-И РАВОНӢ

–ин идораи пӯшидаи амал ва рафтори одамони дигар тавассути истифодаи «нуқтаҳои заъф»-и онҳост.[45]

ТУНДГАРОСОЗӢ (РАДИКАЛСОЗӢ)

– раванди иҷтимоӣ ва психологие, ки пайравонро тадричан – замоне, ки ақидаи шахс аз гурӯҳи умумӣ ба категорияи ҷустуҷӯкунандаи тағйироти куллӣ дар ҷомеа табдил мешавад - ба идеологияи ифротӣ ҷалб месозад. Тундгаросозӣ маъно онро надорад, ки инсон ҳатман хушунат содир мекунад. Вале ҳамин ки вай ба хулоса расид, ки террор ва хушунат барои дастрасӣ ба ҳадафҳои идеологӣ, сиёсӣ ва ё тағйироти иҷтимоӣ чорасоз аст, ба як ифротии хушунаткор табдил мешавад.[46]

ТУНДГАРОӢ (РАДИКАЛИЗМ)

— тасмими шахс барои ҳалли радикалӣ, фаврӣ ва қатъии мушкилот. Зери мафҳуми радикализми сиёсӣ баъзан даъват ба барҳам задани сохтори мавҷуда, қатъият ва таҳаммулнопазирии таълимоти идеологӣ ва баъзан ифрот дар рафторҳои сиёсӣ фаҳмида мешавад.[47]

ИСЛОҲШАВӢ (РЕАБИЛИТАТСИЯ)

)–аз лотинии re – дубора, habilis – роҳат, ба роҳат, мутобиқшуда, муносибшуда. Барқарории мавқеи иҷтимоии шахс; барқарории шаклу зоҳири хуб ва ё ҳолати муносиби фаъолият.[48]

44 «Прозелитизм дар ислом», Кимпаев С.К.: https://cyberleninka.ru/article/v/prozelitizm-v-islame

45 Иқтибос аз мавод: Денисенко Ю.: «Ман ба худии худ руҳониам ва ё эътиқодамро дар ивази шашсад доллар мефурӯшам»: http://promolenko.narod.ru/articles/denisenko1.htm

46 Ҳамон ҷо

47 Роджер Скратон, «Луғати ақидаҳои сиёсӣ», нашри 3. (Basingstoke: Palgrave Macmillan, 2007)

48 Иқтибос аз мавод: Денисенко Ю.: «Сиёсати давлатӣ оид ба пешгирии тундгарой ва экстремизми динӣ дар Қирғизистон»// https://cabar.asia/ru/yuli-ya-denisenko-gosudarstvennaya-politika-po-preduprezhdeniyu-religioznogo-radikalizma-i-ekstremiz-ma-v-rk/

ДИН

– шакли махсуси дарки дунёст, ки дар доираи боварҳои динӣ пайдо шуда, мавҷудияти моварои табиат (Парвардигор, рӯзи қиёмат)-ро дар бар мегирад ва соҳиби меъёрҳои ахлоқӣ ва шаклҳои рафтор, анъана, амалҳои ибодатӣ буда, муттаҳидшавии одамонро мефаҳмонад.[49]

ҶАВОНОНИ «ДАР ҲОЛИ ТУНДГАРОШАВӢ»

– қишре аз ҷавонон (ки дорои тафаккури интиқодӣ нестанд), зери таъсир мондаанд, аммо комилан шомили гуруҳе нашудаанд, ки ақидаҳои тундгароии хушунатборро тарғиб мекунанд.[50]

ДИНШИНОСӢ

– илм дар бораи дин (ба фарқ аз ҷанбаи омӯзиши руҳонӣ ва фалсафии дин). Мавзуи диншиносӣ – дин ҳамчун падидаи инсонӣ, ки «бовар ба Худо» ва иртиботи он дар берун аз чаҳорчӯбаи динро меомӯзад.[51]

МУҲАҚҚИҚИ СОҲАИ ДИН (ДИНШИНОС)

– мутахассис дар соҳаи дин, дорои нуқтаи назари илмӣ, ки метавонад, ҳама гуна таълимоти диниро, сарфи назар аз дидгоҳҳои шахсӣ, баҳо диҳад. Яъне, бетарафии диниро риоя кунад ва ба ҳамаи динҳо танҳо аз нуқтаи назари илм баҳо диҳад. Муҳаққиқи соҳаи дин қонунмандии рушд ва фаъолияти дин, падидаҳои гуногуни онро меомӯзад, ки чӣ гуна онҳо дар таърихи башарият инъикос шудаанд. Муҳаққиқ ҳамчунин, равобити мутақобила ва таъсири мутақобилаи дин ва дигар бахшҳои фарҳангро меомӯзад.[52]

49 Ҳамон ҷо

50 Смирнов М.Ю. «Ҷомеашиносӣ, дин ва ҷамъият»: https://cyberleninka.ru/article/v/sotsiologi-ya-religiya-i-obschestvo-retsenziya-na-knigu-m-yu-smirnova-sotsiologiya-religii-slovar-spb-izd-vo-s-peterb-un-ta-2011-412-s-1

51 «Расонаҳои иҷтимоӣ барои пешгирӣ аз радикалисозӣ. Дастури амалӣ», SFCG, 2017, муаллиф И.Сикорская, Ш.Бактигулов

52 Ҳамон ҷо С.857-859

БОВАРИ ДИНӢ

– фаъолияти равонии инсонҳое, ки ба қудрати илоҳӣ ва ҳақиқати динашон эътиқод доранд. Вижагиҳои бовари динӣ қатъӣ буда, далелҳои холисонаро талаб намекунад ва фарди диндор ба тафаккури танқидӣ эҳтиёҷ надорад.[53]

ГУРӮҲИ ДИНӢ

– маҷмуи пайравони дину мазҳаб, ки дар доираи таълимоте хосе (ақидавӣ, созмонӣ, қавмӣ, ҳудудӣ ва ғайра) муттаҳид мешаванд.[54]

ҲУВИЯТИ ДИНӢ

– категорияи тафаккури диниест, ки асоси онро дарки тааллуқ доштан ба ақида ва арзишҳои динӣ ташкил медиҳад. Касоне, ки ба ин категория рабт доранд, мехоҳанд, бо ҳувияти динӣ ва мазҳабиашон шинохта шаванд.[55]

АҚАЛЛИЯТИ ДИНӢ

– иттиҳодияи пайравони диниест, ки аз рӯи шумора нисбат ба пайравони дини маъруфи кишвар ва ё минтақа ба таври қобили мулоҳиза кам ҳастанд.[56]

ТАФАККУРИ ДИНӢ

– вазъи фаъолияти равонӣ ва зеҳнии инсонест, ки рӯи воқеиятҳои дунёи дигар ва ё ҳақиқати дигаре асос ёфтааст.[57]

АМАЛҲОИ ДИНӢ

– рафтори инсони диндорест, ки тавассути онҳо тафаккури диниашро амалӣ месозад ва ибодатҳои диниро анҷом медиҳад. Доираи амалҳои динӣ густарда аст (қироати китоби муқаддас, анҷоми ибодат, сеҳру ҷоду ва ғайра).[58]

53 Иқтибос аз мавод: Смирнов М.Ю. «Диншиносӣ ҳамчун сарнавишт ва касб»: https://cyberleninka.ru/article/v/religiovedenie-kak-prizvanie-i-professiya

54 Смирнов М.Ю. «Ҷомеашиносии дин: Луғат». – СПб.: Нашриёти С.-Петерб. ун-та, 2011. С.68-69

55 Ҳамон ҷо С.86-87

56 «Диншиносӣ. Луғати энсиклопедӣ»/Зери таҳрири А.П. Забияко, А.Н. Красникова, Е.С. Элбакян. – М.: Академический Проект, 2006. С.863

57 Смирнов М.Ю. «Ҷомеашиносии дин: Луғат». – СПб.: Нашриёти С.-Петерб. ун-та, 2011. С.167

58 Ҳамон ҷо С.248

ТАҲАММУЛНОПАЗИРИИ ДИНӢ

метавонад дар сатҳҳои мухталиф буруз кунад:миёни пайравони як дин (таҳаммулнопазирии дохилӣ); миёни як дин ва ё мавқеи як дин нисбати дини дигар, ки боиси низои байни пайравон мегардад (таҳаммулнопазирии байнидинӣ); дар шакли динситезӣ ва ё бединиситезӣ, таҳаммулнопазирӣ нисбати интихоби озод ва пайравӣ кардани инсонҳои дигар аз динҳои гуногун; ва ё дар шакли зидди дунявӣ.[59]

МУНОСИБАТҲОИ ДИНӢ

– равобити мутақобил, ки миёни падидаҳои мухталифи динӣ мавҷуд аст. Тибқи маъмул, хосияти баҳаморӣ – муттаҳидсозӣ дошта, иттиҳоди пайравонро ташкил намуда, иртиботи онҳоро бо пешвоён барқарор месозад.[60]

ЭҲСОСОТИ ДИНӢ

– муносибати эҳсосӣ (отифӣ)-и пайравон нисбати муқаддасоти динӣ, ашёи муқаддас, растаниҳо, афрод, маконҳо, нисбат ба худ ва дигарон, шарҳи баъзе аз падидаҳои табиӣ аз дидгоҳи дин. Эҳсосоти динӣ дар асоси талаботи динӣ ва тафаккури динӣ пайдо мешавад.[61]

БУНЁДГАРОИИ ДИНӢ (ФУНДАМЕНТАЛИЗМ)

(аз лотинии fundamentum – бунёд) – ҳолати равонӣ ва амалҳоеро шарҳ медиҳад, ки дар асоси эътиқоде пайдо шудаанд, ки ягона роҳи дурустро дар қабул ва иҷрои таълимоти динӣ медонад. Ин навъи эътиқод ҳама гуна шаклҳои муосири диндориро рад карда, талаб менамояд, ки тамоми навиштаҳои китобҳои муқаддас бе чуну чаро иҷро шавад.[62]

59 Ҳамон ҷо С.91-92

60 Иқтибос аз мавод: Денисенко Ю. «Иртиботи харобиовар: шарҳи мафҳум»: https://cyberleninka.ru/article/v/destruktivnoe-obschenie-k-opredeleniyu-ponyatiya

61 Ҳамон ҷо С.199

62 Иқтибос аз мавод: Яблоков И.Н. «Диншиносӣ: Дастури таълимӣ ва Луғати хурди таълимӣ оиди диншиносӣ». – М.: Гардарики, 2000. С.280

СЕКТА

– яке аз навъҳои муассисаи динӣ. Ин иттиҳодияи диниест, ки дар дохили муассисаи динӣ (мазҳаб, равия ва ғ.) таъсис шуда, қувват меёбад ва баъдан ҳамчун шохаи мустақиле ҷудо мешавад33. (Истифодаи вожаи «секта» дар суханрониҳои расмӣ, оммавӣ ва ё меъёрӣ ғайри қобили қабул дониста мешавад).[63]

ДУНЯВИЯТ

– амалисозии меъёри конституцсионии ҷудоии дин ва ҳамаи парастишҳо аз давлат бо роҳи иҷозат надодан ба дахолати иттиҳодияҳои динӣ ва ходимони онҳо дар умури мақомоти давлатӣ.[64]

ТЕОЛОГ

- (тео – худо, логос – омӯзиш) (мулло, мавлавӣ, муҷтаҳид дар дини ислом) касе, ки ба омӯзиш, шарҳ ва тафсири таълимоти динӣ машғул аст.[65]

ТЕРРОРИЗМ

– истифодаи шакли бадтарини хушунат зидди шаҳрвандон бо ҳадафи расидан ба хостаҳои мушаххаси сиёсӣ. Терроризм натиҷаи ифротгароӣ буда, яке аз шаклҳои хатарноктарини падида ё зуҳурот зиддидавлатӣ ба ҳисоб меравад.[66]

ЭКСТРЕМИЗМ

– пайравии одамони алоҳида, гурӯҳҳои хурду бузурги иҷтимоӣ, созмонҳои ҷамъиятиву сиёсӣ, ҳаракатҳо бо дидгоҳои тундгароёнаи сиёсӣ, миллӣ, динӣ ва ғайра унвон мешавад. Ин гурӯҳ бо ҳадафи тағйир додан ва ё барҳам задани сохтори конституцсионии мавҷуда рафтор ва амали ғайриқонунӣ анҷом медиҳад.[67]

63 Иқтибос аз мавод: Смирнов М. Ю. «Ҷомеашиносии дин: Луғат». – СПб.: Нашриёти С.-Петерб. ун-та, 2011. С.293

64 Консепмияи сиёсати давлатии Ҷумҳурии Қирғизистон дар бахши дин дар солҳои 2014-2020: http://religion.gov.kg/storage/uploads/file/29d29cc9084693f52c879dafa977787e6cafaa8d.pdf

65 Иқтибос аз мавод: Яблоков И.Н. «Диншиносӣ: Дастури таълимӣ ва Луғати мухтасари омӯзишӣ оид ба диншиносӣ». – М.: Гардарики, 2000. С.265

66 Иқтибос аз мавод: Денисенко Ю.: «Сиёсати давлатӣ оид ба пешгирии тундгароиву ифроттароии мазҳабӣ дар Қирғизистон»: https://cabar.asia/ru/yuli-ya-denisenko-gosudarstvennaya-politika-po-preduprezhdeniyu-religioznogo-radikalizma-i-ekstremiz-ma-v-rk/

67 Ҳамон ҷо

Замимаи № 1:

Рӯйхати созмонҳое, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон экстремистӣ ва террористӣ эътироф шудаанд.

Террористӣ:

1 «Бародарони мусалмон»

«Ихвон-ал-муслимин», «Muslim Brotherhood»

Идеологияи «Бардарони мусалмон» дар асоси ғояҳои панисломизм бунёд ёфтааст. Мақсади ниҳоияшро ин созмон дар кишварҳои олами ислом бунёди ҷомеае медонад, ки дар асоси «адолати исломӣ» тавассути риояи қатъии меъёрҳои Қуръон ва шариат шакл гирифтааст.

Қарор дар бораи манъ кардани фаъолияти ин созмон аз ҷониби Суди олии ҶТ 30 марти соли 2006 қабул гардидааст.

---

2 «Ҷамоати исломии Покистон»

«Ҷамъияти исломии Покистон», «Ҷамъияти исломӣ», «Ҷамъияти исломии Покистон», «Гурӯҳи исломӣ»

Барҳам додани ҳукмронии дунявӣ ва ивази он ба шакли ҳукмронии шариатӣ, ширкат дар бунёди «Хилофати умумиҷаҳонии исломӣ»

Қарор дар бораи манъ кардани фаъолияти ин созмон аз ҷониби Суди олии ҶТ 30 марти соли 2006 қабул гардидааст.

---

3 «Ҳаракати Толибон»

«Ҳаракати Толибони Афғонистон», «Ҳаракати исломии Толибон», «Толибон»

Сарнагун кардани ҳокимияти дунявӣ ва бунёди давлат бо шакли ҳукмронии шариатӣ.

Қарор дар бораи манъ кардани фаъолияти ин созмон аз ҷониби Суди олии ҶТ 30 марти соли 2006 қабул гардидааст.

---

4 «Ҳизби исломии Туркистон»

«Ҳаракати исломии Узбекистон», «Ҳаракати исломии озод кардани Узбекистон», «Ҳизби наҳзати исломӣ»

Сарнагун кардани низоми дунявӣ ва бунёди «Хилофати бузурги исломӣ бо шакли ҳукмронии шариатӣ» дар ҳудуди Узбекистон ва дигар давлатҳои Осиёи Миёна.

Қарор дар бораи манъ кардани фаъолияти ин созмон аз ҷониби Суди олии ҶТ 30 марти соли 2006 қабул гардидааст.

---

5 «Лашкари Тайба»

«Лашкари Тайба» «Лашкари Тайиба»

Паҳн кардани ақидаҳои исломи тундгаро дар тамоми минтақаҳои Ҳиндустон, тавсеаи бештари таъсири худ дар давлатҳои Осиёи Марказӣ, минтақаҳои дигари аксаран мусулмоннишини олам.

Қарор дар бораи манъ кардани фаъолияти ин созмон аз ҷониби Суди олии ҶТ 30 марти соли 2006 қабул гардидааст.

---

6 «Таблиғи Ҷамоат»

«Ҷамъияти Таблиг», «Таблиг», «Ҷамъияти исломии Таблиг», «Ҷамъияти огоҳсозии исломӣ»

Идеологияи «Таблиғи Ҷамоат» дар ҳадафи ошкорои сиёсие ифода ёфтааст, ки барои сарнагун сохтани низомҳои мавҷудаи дунявӣ, тағйир додани сохтори амалкунандаи конституцсионии давлатҳо, омодасозии заминаи захираҳо ва ҷалби ҷангиён ба манфиати созмонҳои байналмилалии террористие, мисли «Бародарони мусалмон», «Ал-Даъво», «Толибон» равона гардидааст.

Қарор дар бораи манъ кардани фаъолияти ин созмон аз ҷониби Суди олии ҶТ 30 марти соли 2006 қабул гардидааст.

---

7 «Давлати исломӣ»

«Давлати исломии Ироқу Шом», Давлати исломии Ироқу Леванта», »ИГИЛ», «ДИИШ»

Мақсади ин созмон барҳам додани марзҳое мебошад, ки дар натиҷаи тақсим кардани Хилофати Усмонӣ ба вуҷуд омадаанд, ташкил кардани давлатии исломии эътиқодмандони суннӣ ҳадди ақал дар ҳудуди Ироқ, Шом (Леванта) - Сурия, Лубнон, Исроил, Фаластин, Урдун, Туркия, Кипр, Миср (ақаллан нимҷазираи Сина), ҳадди аксар дар тамоми олами ислом.

Қарор дар бораи манъ кардани фаъолияти ин созмон аз ҷониби Суди олии ҶТ 14 апрели соли 2014 қабул гардидааст.

---

8 «Чабҳат-ун–Нусра»

«Ал-Қоида дар Сурия»

Бунёди давлати исломӣ на танҳо дар ҳудуди Сурия, балки тамоми олами ислом.

Қарор дар бораи манъ кардани фаъолияти ин созмон аз ҷониби Суди олии ҶТ 14 апрели соли 2014 қабул гардидааст.

---

9 «Ҳизби наҳзати исломии Тоҷикистон»

«ҲНИТ»

Қарор дар бораи манъ кардани фаъолияти ин созмон аз ҷониби Суди олии ҶТ 29 сентябри соли 2015 қабул гардидааст.

ЭКСТРЕМИСТӢ:

1 «Ҳаракати исломии Узбекистон»

Сарнагун кардани низоми дунявӣ ва бунёди «Хилофати бузурги исломӣ бо шакли ҳукмронии шариатӣ» дар ҳудуди Узбекистон ва дигар давлатҳои Осиёи Миёна.

Қарор дар бораи манъ кардани фаъолияти ин созмон аз ҷониби Суди олии ҶТ 30 марти соли 2006 қабул гардидааст.

---

2 «Ал-Қоида»

Сарнагун кардани низоми дунявӣ дар давлатҳои исломӣ ва бунёди «Хилофати бузурги исломӣ» дар миқёси олам.

Қарор дар бораи манъ кардани фаъолияти ин созмон аз ҷониби Суди олии ҶТ 30 марти соли 2006 қабул гардидааст.

---

3 «Ҷамъияти Таблиғ»

«Таблиғи Ҷамоат», «Ҷамоат-ат-Таблиг»

Барпо кардани ҳукмронии сартосарии исломи тундгаро ва оштинопазир.

Қарор дар бораи манъ кардани фаъолияти ин созмон аз ҷониби Суди олии ҶТ 30 марти соли 2006 қабул гардидааст.

---

4 «Созмони диниву миссионерӣ»

«Даъват ба ислом», «Созмони Таблиг», «Созмони таблигот»

Зери пӯшиши амалҳои маърифатӣ фаъолият мекунад. Созмон захираи маълумоти зиёде доир ширкаткунандагони амалиётҳои ҷангӣ дар Афғонистон, Алҷазоир, Кашмир, Босния, Косово дорад. Ҳадафаш барпо кардани ҳукмронии сартосарии ислом мебошад.

Қарор дар бораи манъ кардани фаъолияти ин созмон аз ҷониби Суди олии ҶТ 30 марти соли 2006 қабул гардидааст.

---

5 «Тоҷикистони озод»

«Тоҷикистони озод»

Ноором кардани вазъият дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Қарор дар бораи манъ кардани фаъолияти ин созмон аз ҷониби Суди олии ҶТ 30 марти соли 2006 қабул гардидааст.

---

6 «Ҷамоати Ансоруллоҳ»

Ин созмон қаноти «Ҳаракати исломии Узбекистон» (ҳоло Туркистон) буда, аз ҷониби «Ал-Қоида» маблағгузорӣ карда мешавад.

Қарор дар бораи манъ кардани фаъолияти ин созмон аз ҷониби Суди олии ҶТ 4 майи соли 2012 қабул гардидааст.

---

7 «Гурӯҳи 24»

Ноором кардани вазъият дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Қарор дар бораи манъ кардани фаъолияти ин созмон аз ҷониби Суди олии ҶТ 9 октябри соли 2014 қабул гардидааст.

---

8 «Давлати исломӣ»

«Давлати исломии Ироқу Шом», Давлати исломии Ироқу Леванта», »ИГИЛ», «ДИИШ»

Мақсади ин созмон барҳам додани марзҳое мебошад, ки дар натиҷаи тақсим кардани Хилофати Усмонӣ ба вуҷуд омадаанд, ташкил кардани давлатии исломии эътиқодмандони суннӣ ҳадди ақал дар ҳудуди Ироқ, Шом (Леванта) - Сурия, Лубнон, Исроил, Фаластин, Урдун, Туркия, Кипр, Миср (ақаллан нимҷазираи Сина), ҳадди аксар дар тамоми олами ислом.

Қарор дар бораи манъ кардани фаъолияти ин созмон аз ҷониби Суди олии ҶТ 14 апрели соли 2014 қабул гардидааст.

---

9 «Чабҳат-ун–Нусра»

«Ал-Қоида дар Сурия»

Бунёди давлати исломӣ на танҳо дар ҳудуди Сурия, балки тамоми олами ислом.

Қарор дар бораи манъ кардани фаъолияти ин созмон аз ҷониби Суди олии ҶТ 14 апрели соли 2014 қабул гардидааст.

---

10 «Ҳизби наҳзати исломии Тоҷикистон»

«ҲНИТ»

Қарор дар бораи манъ кардани фаъолияти ин созмон аз ҷониби Суди олии ҶТ 29 сентябри соли 2015 қабул гардидааст.